Намоз Ҳотамов

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

9



НАМОЗ ҲОТАМОВ

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 9**

*Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

ДУШАНБЕ
МТЛ ОРЕС
2005

# МУҚАДДИМА

Хонандагони азиз! Дар синфи 8-ум ҳангоми омӯзиши таърихи халқи тоҷик огоҳ гаштед, ки ба тоҷикони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон аз охири асри XIV, яъне бо бунёди давлати Темуриён ва аз тарафи онҳо барҳам додани давлати Куртҳо (1245-1389) то миёнаи асри XIX муяссар нагардид, ки (ба ҷуз мулкҳои кӯчаки алоҳида) дигар давлатдории худро ба вуҷуд оваранд. Барои амалӣ гардидани ин мақсад парокандагию ноиттифоқӣ, маҳалгароӣ, мансабталошӣ, ки дар байнашон дида мешуд, монеаи ҷиддие ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин омилҳо боиси парокандагӣ ва ниҳоят маҳви давлати Темуриён гардиданд. Чунин вазъият ба қабилаҳои бодиянишини ӯзбекони Дашти Қипчоқ имконият фароҳам овард, ки қисми бузурги Осиёи Марказиро зери тасарруфи худ даровarda, дар ин сарзамин давлатдории худро бо номи Шайбониён бунёд кунанд. Онҳо якҷоя бо Аштархониён (ё худ Ҷониҳо) дар ин сарзамин қариб 250 сол (солҳои 1501-1747) ҳукмронӣ карданд. Вале паиҳам боло гирифтани ҷанҷоли мансабхоҳӣ пояи ин давлатҳоро низ заиф кард. Ин ба шоҳи Эрон – Нодиршоҳ имконият дод, ки қисми бузурги Осиёи Марказиро як муддати кӯтоҳ ба ҳайати империяи худ дохил намояд. Аммо худи ӯ ҳам ҳадафи чунин ҷанҷолҳо гардид.

Дар Осиёи Марказӣ парокандагии феодалӣ давра ба давра вусъат меёфт. Дар қатори аморати Бухоро, хонигариҳои Хеваю Қӯқанд, инчунин мулкҳои гуногуни нисбатан кӯчак низ худро мустақил меҳисобиданд. Онҳо дар асл ҳамчун мулкҳои ниммустақил буда, тез-тез ҳадафи ҳуҷуми давлатҳои нисбатан калони ин сарзамин, махсусан аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд мегардиданд. Чунин вазъият ба инкишофи иқтисодиёт, тиҷорат ва илму маданият халал расонида, зиндагии мардумро вазнин мегардонид.

Дар натиҷаи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ Роҳҳои бузурги абрешим, ки ҳанӯз дар асри II то милод ташаккул ёфта, аз қаламрави Осиёи Марказӣ ва Афғонистону Эрон гузашта, давлати Чинро бо давлатҳои Аврупою Африқои Шимолӣ мепайваст, моҳияти пештараи худро гум кард. Акнун тоҷирони чинӣ ва ҳиндӣ бештар аз роҳҳои обӣ истифода мекарданд. Чунин ҳолат вазъи тоҷирони Осиёи Марказиро, ки дар замони Роҳҳои бузурги абрешим асосан нақши миёнаравиро мебозиданд, душвор гардонид. Вале дар асри XVI (замони ҳукмронии Шайбониён) онҳо роҳи наҷотро пайдо намуданд. Минбаъд тиҷорати мулкҳои Осиёи Марказӣ бо давлати Русия васеъ шуда, он сол аз сол инкишоф ёфт. Тиҷорат на танҳо мардуми мулкҳои гуногунро бо ҳам наздик мекард, балки барои инкишофи касбу корҳои гуногун имкониятҳо ба вуҷуд меовард.

Аз ибтидои асри XIX вазъияти ҷаҳон хеле тағйир ёфт. Давлатҳои бузурги замон – Англия, Фаронса ва Русия мехостанд, ки ҳар кадом дар миқёси ҷаҳон нуфузи зиёде дошта бошанд. Дар натиҷаи рақобати байни онҳо ҷангҳои мухталиф ба амал омада, бисёре аз давлатҳои нисбатан хурд ва сусттараққикарда мутеъи давлатҳои абарқудрати давр мегаштанд.

Маҳз парокандагии феодалӣ, қафомондагии иқтисодию сиёсӣ, ҷангҳои беохири байнихудии мулкҳои Осиёи Марказӣ, рақобати байни Русияю Англия амалиётҳои ҷангии қӯшунҳои Русияро барои забти Осиёи Марказӣ тезонид. Дар натиҷа мулкҳои ин сарзамин ба мустамликаи Русия табдил ёфтанд. Аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ дар он минтақаҳое, ки бевосита ба ҳайати империяи Русия дохил карда шуданд (яъне қаламрави генерал-губернатории Туркистон) тартиботи сахти мустамликавӣ ҷорӣ карда шуд.

Ҳукумати подшоҳии Русия хонигарии Қӯқандро барҳам дода бошад ҳам, вале барояш бо таври расмӣ нигоҳ доштани аморати Бухоро ва хонигарии Хева аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ манфиатнок буд. Дар амал бошад, ҳукумати подшоҳии Русия дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ назорати қатъӣ ҷорӣ намуда, ба парокандагии иқтисодӣ ва рақобати мансабталошии амалдорони он то андозае хотима гузошт. Русия Осиёи Марказиро ба макони ашёи хом ва бозори мол-

фурӯшии сармоядорони худ табдил дод. Дар муддати кӯтоҳ дар қаламрави ин сарзамин роҳҳои оҳан сохта шуд, ташкилотҳои бонкию заводҳо ба вуҷуд омаданд. Ниҳоят, Осиёи Марказӣ на танҳо ба бозори умумирусиягӣ, балки тавассути он ба бозори умумиҷаҳонӣ кашида шуд. Ин боиси он гардид, ки дар шаҳру ноҳияҳои ин кишвар муносибатҳои феодалӣ оҳиста-оҳиста мақоми худро ба муносибатҳои молию пулӣ иваз мекард. Ҷамъият ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ пеш рафт. Ташаккулёбии синфҳои нави ҷамъиятӣ – буржуазияи миллӣ ва синфи коргари маҳаллӣ оғоз ёфт. Чунин дигаргуниҳо як қисми зиёиёни миллиро низ ба ҳаёти нав бедор намуд. Бо ташаббуси онҳо ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ ташаккул ёфт, ки мақсади асосии онҳо беҳтар шудани зиндагии мардум, инкишофи иқтисодиёт, тиҷорат, маданият ва ғайра буд.

Тартиботи ҳамондавраи мустамликавии империяи Русия дар худи Русия муборизаи синфӣ, дар кишвари Туркистон бошад муборизаи зиддимустамликавиро тезонид. Махсусан, ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ин муборизаҳо суръати тоза бахшид. Ниҳоят, ин боиси сарнагун гардидани тартиботи подшоҳӣ ва ташкилёбии ҳукумати буржуазӣ, минбаъд бошад, боиси сарнагунщавии ҳукумати буржуазӣ ва барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Русия гардид.

Ҳамаи он воқеаҳо ва тағйиротҳое, ки дар Русия ба амал меомаданд, ба Осиёи Марказӣ низ таъсир мерасонд. Махсусан, дигаргуниҳои сиёсию инқилобӣ зуд дар ҳудуди кишвари Туркистон ва дар қаламрави аморати Бухоро амалӣ мешуданд. Дар натиҷа аз ноябри соли 1917 то апрели соли 1921 қариб дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ, бо роҳу воситаҳои гуногун тартиботи шӯравӣ барпо карда шуд.

Тоҷикони Афғонистон низ ҳарчанд дар тасарруфи империяи Англия буданд, аз тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ дар канор намонданд. Дар нимаи дуюми асри XIX қафомондагии иқтисодӣ, парокандагию рақобатҳои дохилӣ ҳарчанд ин сарзаминро ба кишвари тобеи Англия табдил дода бошад ҳам, муборизаҳои дуру дарози тоҷикони Афғонистон дар якҷоягӣ бо дигар халқҳои ин мулк ниҳоят бо пирӯзӣ анҷом ёфт ва Афғонистон аз истибдоди мустамликавӣ халос гардида, истиқлолият ба даст даровард.

# ФАСЛИ I
# ВАЗЪИ ТОҶИКОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

## БОБИ I
## ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ РУСИЯ

### §1. ВАЗЪИ МУЛКҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Вазъи иқтисодию сиёсӣ**

Дар миёнаи асри XIX сарзамини Осиёи Марказӣ яке аз гӯшаҳои қафомондаи Авруосиё ба ҳисоб мерафт. Дар ин сарзамин ҳанӯз ҳам муносибатҳои феодалӣ ҳукмфармо буд. Аксари аҳолиро деҳқонон ташкил медоданд. Замин ва фаъолияти кишоварзӣ ягона сарчашмаи зиндагии онҳо буд. Аксари деҳқонон ҳиссаи ночизи замин доштанд ё аз он тамоман маҳрум буданд. Аз ин рӯ, деҳқонони камзамину безамин аксарияти аҳолиро ташкил менамуданд. Замини корам асосан дар ихтиёри амирон, хонҳо, амалдорон, рӯҳониён ва феодалон буд. Тахминан нисфи чунин заминҳоро – заминҳои амлокӣ ё худ давлатӣ, чорякашро заминҳои вақфӣ ва боқимондаи дигарашро заминҳои мулкӣ ташкил медоданд. Қариб ҳамаи ин заминҳо аз тарафи деҳқонони камзамину безамин, бо шартҳои гуногун, аз ҷумла супоридани андози хироҷ кор карда мешуд.

Давлатҳои мавҷудаи он давр ҳама давлатҳои феодалии монархиявӣ (салтанатӣ) ҳисоб мешуданд. Ҳукуматдорон – хон-

ҳо ва амирон ҳуқуқҳои номаҳдуд доштанд. Онҳо ба заминдорони калон – феодалҳо ва рӯҳониёни соҳибмулк ва бонуфӯз такя намуда ба деҳқонон, косибон ва ҳунармандон ҳаргуна зулму истибдодро раво медиданд.



*Арки Бухоро - қасри хонҳо ва амирон ба ҳисоб мерафт*

Дар Осиёи Марказӣ, дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ дар қатори се давлатҳои мустақил: аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева, боз як қатор мулкҳои ниммустақил, ба монанди Шаҳрисабз, Китоб, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб ва ғайра вуҷуд доштанд. Халқи тоҷик дар он давр дар ҳайати аморати Бухорою хонигарии Қӯқанд ва мулкҳои ниммустақили номбар шуда, бо ҳамроҳии халқҳои ӯзбек, туркман, қазоқ, қирғиз ва ғайра паҳлӯи ҳам зиндагӣ карда, талхию ширинии ҳаётро бо ҳам мечашиданд.

Дар аморати Бухоро аз соли 1753 қабилаи манғитҳои ӯзбек ҳукуматдорӣ мекарданд, ки онҳо ҳанӯз соли 1740 тавассути шоҳи Эрон – Нодиршоҳ ба идоракунии ин мулкҳо соҳиб шуда буданд. Хонигарии Қӯқанд бошад ҳанӯз соли 1710 дар замони заифгардии давлати Аштархониҳо (Ҷониҳо) бунёд ёфт ва дар он қабилаи мингҳои ӯзбек салтанат меронданд.

Бояд қайд кард, ки дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои рус вазъияти хонигарии Қӯқанд хеле ногувор буд. Махсусан, байни хонҳои Қӯқанд Худоёрхон (солҳои 1845-1858 ва 1862-1873) ва Маллахон (солҳои 1858-1862, яъне ҳангоми гурехтани Худоёрхон) рақобати сахт барои тоҷу тахт мерафт ва ҳар кадоме аз амири Бухоро ба фоидаи худ имдод металабид. Амири Бухоро Музаффархон (1860-1885) Худоёрхонро пуштибонӣ намуда, соли 1862 ба Қӯқанд ҳуҷум кард ва салтанати

Худоёрхонро аз нав барқарор намуд. Ин ҳама на танҳо аз қафомондагии иқтисодии мулкҳои Осиёи Марказӣ, балки аз нооромиҳои сиёсии онҳо ҳам дарак медиҳанд.

**Муносибатҳои байниҳамдигарии мулкҳо**

Дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ дар байни давлатҳои мустақилу ниммустақили Осиёи Марказӣ бештар муносибатҳои душманӣ ҳукмфармо буд. Махсусан, ҷангҳои беохири байни аморати Бухорою хонигарии Қӯқанд боиси харобиҳои зиёди мулкҳои ҳар ду тараф гардидаанд. Аз ҷумла, амири Бухоро Насрулло (1826-1860) солҳои 1840 ва 1842 ба Қӯқанд ҳуҷум карда, шаҳрро як ҳафта (с.1842) дар ҳолати муҳосира нигоҳ дошт ва баъд ба аскарони худ тороҷи онро фармуд. Писари ӯ – амир Музаффархон низ ба сӯи Қӯқанд ду маротиба (солҳои 1862 ва 1865) ҳуҷум карда, тамоми водии Фарғонаро (ҳангоми ҳуҷуми аввал) хароб намуда то Қошғар расид.

Дар натиҷаи ҷангҳои беохири байни аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд, Ӯротеппаю Хуҷанд, Нову Ҷиззах зарари ҷиддӣ диданд. Танҳо дар зарфи 65 соли аввали асри XIX онҳо ба Ӯротеппа (ҳозира Истаравшан) беш аз 50 маротиба лашкар кашидаанд.

Ҳамон солҳо амирони Бухоро ва хонҳои Қӯқанд бо мақсади ба зери тасарруфи худ даровардани мулкҳои ниммустақил, ба муқобили онҳо борҳо ҳуҷум кардаанд. Масалан, амир Насрулло дар муддати 20 сол ба Шаҳрисабз 32 маротиба ҳуҷум карда, ниҳоят соли 1856 онро ба зери дасти худ даровард ва тамоми ашхоси намоёни қабилаи кенагаси ӯзбекро, ки он ҷо ҳукмронӣ мекарданд аз дами



*Қасри хонҳои охирини Қӯқанд*

теғ гузаронид. Баъди ин фоҷиа амир Насрулло дар Шаҳрисабз ва Китоб шахсони ба худ содиқро ҳоким таъин кард, вале баъди марги ӯ, аниқтараш дар соли дуюми ҳукмронии Музаффархон, мардуми қабилаи кенагаси Шаҳрисабз ва музофоти он боз исён бардоштанд. Онҳо ҳокимони таъинкардаи амирро ҳабс карда, аз авлодони худ Ҳакимбекро дар Шаҳрисабз ва Ҷӯрабекро дар Китоб ҳоким таъин карданд. Ё худ лаҳзаҳое, ки қӯшунҳои рус ба хоки Осиёи Марказӣ зада даромаданд, амир Музаффархон ба муқобили ҳокимони Бойсун ва Деҳнав лашкар кашида, мардуми зиёди бегуноҳро ба қатл расонид.

Дар Бухорои Шарқӣ (ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ) ҳам вазъият чандон мӯътадил набуд. Байни ҳокимони ниммустақили он якдигарфаҳмӣ вуҷуд надошт. Масалан, мулкҳои водии Вахш бисёр вақт боиси тохту тозҳои лашкари ҳокимони Ҳисору Кӯлоб мегардид. Мулкҳои Қаротегин бошанд бисёр вақт дар зери хавфи ҳуҷуми хонҳои Қӯқанд буданд.

Муносибати душманонаи байниҳамдигарии мулкҳо ба пешрафти иқтисодиёт, тиҷорат ва маданият таъсири манфӣ мерасонид. Зиндагии вазнини мардумро боз ҳам вазнинтар мекард. Дуздию ғоратгарӣ авҷ мегирифт. Амалдорон ба душвориҳои мавҷуда аҳамият надода, нисбат ба деҳқонон, косибон ва ҳунармандон бештар бераҳмӣ зоҳир менамуданд. Андозу ӯҳдадориҳо ҳадду ҳудуд надоштанд. Мардум ба зулму истибдоди истисморгарони худ тавассути шӯришҳо ҷавоб мегардониданд.

**Сарчашма:**

С.Айнӣ дар асоси сарчашмаҳо натиҷаи ҳуҷуми соли 1842-и амири Бухоро – Насруллоро ба Қӯқанд чунин тасвир кардааст: «Амир баъд аз тасарруфи шаҳр қӯшунҳои худро ба тороҷ амр кард. Қӯшун аз ҳеҷ беномусӣ ва беинтизомӣ боз наистод. Тамоми ашёи аҳли шаҳри Хӯқанд (яъне Қӯқанд-Н.Ҳ) ба яғмо рафт. Мардон ва занон дар кӯчаҳо девонавор бараҳна мегаштанд. Ҳатто палоси масҷид ва асбоби мадорис бо китобҳо ба тороҷ рафт... Хуни раоёи бегуноҳро низ мисли об рехт». (*Ниг.* Айнӣ С. Таърихи амирони манғияти Бухоро. Куллиёт. Ҷилди 10. Душанбе, 1966. – с.34-35).

**Санаҳои муҳим:**

1710-1876 – мавҷудияти хонигарии Қӯқанд.

1753-1920/21 – ҳукуматдории ӯзбекони манғит дар Бухоро.

1826-1860 – солҳои ҳукмронии амир Насрулло дар Бухоро.

1860-1885 – солҳои ҳукмронии амир Музаффархон дар Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои Русия ба Осиёи Марказӣ дар қаламрави он кадом давлатҳои мустақил вуҷуд доштанд? 2) Тоҷикон дар кадом давлатҳои мустақил ва ниммустақил зиндагӣ мекарданд? 3) Муносибати байни давлатҳои мустақил ва ниммустақили Осиёи Марказӣ чӣ тавр буд? 4) Оид ба оқибати ҷангҳои байнихудии мулкҳои Осиёи Марказӣ мисолҳо биёред. 5) Аз китоби дарсии синфи 8 мавзӯъҳои ба сари қудрат омадани хонадони (сулолаи) манғития дар Бухоро, ташкилёбии хонигарии Қӯқанд ва вазъи мулкҳои Осиёи Марказӣ дар нимаи якуми асри XIX-ро ба хотир оред.

## §2. САБАБҲОИ ҶАНГИ РУСИЯ БО ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

### Муносибати давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия

Муносибати тиҷоратию дипломатии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия таърихи дуру дароз дорад. Вале он, махсусан, аз асри XVI сар карда, давра ба давра инкишоф меёфт. Ҳукуматдорони ҳар ду тараф барои идома ва инкишофи чунин муносибатҳо манфиатдор буданд. Онҳо бо роҳи гуфтушунид монеаҳои тиҷоратиро бартараф менамуданд. Масалан, солҳои 1841-1842 ҳайати дипломатии Русия бо хони Хева гуфтушунид карда, ба он муваффақ шуданд, ки ҳукумати хонӣ дар баробари пеш гирифтани муносибати дӯстии байниҳамдигарӣ, барои инкишофи тиҷорат дар ҳудуди хонигарии худ аз молҳои тиҷоратии Русия аз 5 фоизи арзиши воқеии мол зиёд боҷ намегирифт ва корвонҳои «убуркунанда»

(транзит)-ро, ки аз ҳудуди хонигарӣ мегузаштанд, тамоман аз боҷ озод мекард. Чунин иқдом барои инкишофи минбаъдаи тиҷорати на танҳо Русияю Хева, балки дар пешравии тиҷорати Русия бо аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд низ аҳамияти махсус дошт. Зеро, дар ҳамин давр дар ҳудуди Осиёи Марказӣ байни тоҷирони рус ва англис рақобати сахт вуҷуд дошт.

Зикр бояд кард, ки аксари сафирон, намояндаҳо, тоҷирон ва сайёҳони ҷудогонаи Русия, ки ба Осиёи Марказӣ сафар мекарданд, одамони фозил ва донишманд буда, баъзеи онҳо забонҳои мардуми маҳаллӣ, аз ҷумла форсии тоҷикиро хуб медонистанд. Дар байни онҳо олимони соҳаҳои гуногун: шарқшиносон, табиатшиносон, ҷуғрофҳо, бостоншиносон ва ғайра буданд, ки дар омӯзиши мулкҳои ҷудогонаи Осиёи Марказӣ саҳми босазое гузоштаанд. Масалан, шарқшиноси номии рус Н.В. Хаников ҳангоми сафар ба Бухоро синнаш ҳанӯз ба 22 нарасида буд. Асари соли 1843 нашр намудаи ӯ «Тавсифи давлати хонии Бухоро» аз беҳтарин таълифоти давр оид ба ин мавзӯъ мебошад.

То оғози амалиётҳои васеи забт кардани Русия дар Осиёи Марказӣ охирин ҳайати сафорати ҳукумати рус бо сарварии полковник Н.П.Игнатев ба ҳисоб меравад, ки ин ҳайат (ба он шарқшиноси номии рус П.И. Лерх ҳам шомил буд) соли аввал ба Хева, сипас ба Бухоро ташриф овард. Гуфтушуниди Н.П. Игнатев ҳарчанд дар Хева натиҷаи дилхоҳ надода бошад ҳам, вале дар Бухоро ба баъзе муваффақиятҳо ноил шуд. Амири Бухоро Насрулло, ки бо хони Қӯқанд меҷангид, мехост бо Русия наздикшавиашро ба муқобили он истифода намояд. Муносибати байни Русияю Қӯқанд, бо сабаби аз тарафи қӯшунҳои рус дар соҳилҳои баҳри Арал ва дарёи Сир забт гардидани баъзе мулкҳои хонигарӣ, чандон хайрхоҳона набуд. Бинобар ин амир Насрулло на танҳо ҳайати сафорати Русияро хуш қабул кард, балки ба тоҷирони рус имтиёзҳои муайян ваъда дод.

Оид ба инкишофи тиҷорати давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия чунин рақамҳо далолат мекунанд. Солҳои 1840-1850

танҳо бо роҳи Оренбург аз Русия ба Осиёи Марказӣ беш аз 40 ҳазор пуд чӯян, 25 ҳазор пуд пӯлод, ба миқдори зиёд матоъҳо, сиккаҳои тилло ва нуқра кашонда шудаанд. Аз Осиёи Марказӣ ба Русия асосан пахта, пӯст, пашм, меваи хушк ва ғайра мебурданд. Агар соли 1818 аз Осиёи Марказӣ ба Русия 10 ҳазор пуд пахта кашонда бошанд, пас соли 1858 он 180 баробар зиёд шуд. Нақлиёти асосӣ дар аввал уштурҳо ба ҳисоб мерафтанд. Дар ибтидои асри XIX ҳар сол аз Бухоро ба Русия корвонҳои пурбор иборат аз 4-5 ҳазор уштур фиристода мешуд ва ҳамон миқдор уштурҳои пурбор аз Русия ба Бухоро меомад.

Соли 1853 роҳи обии Русия ба Осиёи Марказӣ кушода шуд. Киштиҳои рус аз баҳри Арал ба самти саргаҳи дарёҳои Сир ва Аму шино намуданд. Пас аз ин қад-қади соҳилҳои дарёи Сир як қатор нуқтаҳои муқовимат сохта, ҳатто истеҳкомоти Сирдарё ба вуҷуд оварда шуд.

Дар замони оғози амалиётҳои забткоронаи Русия дар Осиёи Марказӣ ҳам тиҷорат қатъ нагардидааст. Дар ин давр, махсусан дар натиҷаи аз ИМА маҳдуд гардидани воридоти пахта, талаботи саноати бофандагии Русия ба пахтаи Осиёи Марказӣ афзуд ва он боиси боло рафтани нархи он ҳам шудааст. Масалан, то соли 1861 як пуд пахтаи Бухоро дар ярмаркаи Нижний Новгороди Русия 4-5 сӯм (пули ҳамонвақтаи русӣ) арзиш дошта бошад, пас он соли 1862 ба 7 сӯму 50 тин ва соли 1864 то ба 23-24 сӯм расидааст.

Умуман, то солҳои 60-уми асри XIX, яъне то оғози амалиётҳои васеи ҷангӣ, муносибатҳои дипломатӣ, махсусан, тиҷоратии Русия ба давлатҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд дошт.

### Сабабҳои ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидани Русия

Аз аввали солҳои 60-уми асри XIX ба мулкҳои Осиёи Марказӣ ҳуҷуми васеи қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ оғоз ёфт ва он сабабҳои зерин дошт:

Якум, подшоҳони Русия (аз замони Пётри I) ният доштанд, ки Осиёи Марказиро ба зери тасарруфи худ дароранд. Зеро, онҳо барои абадқудратии империяи Русия, аз ҷануб ба воситаи баҳри Арал ба уқёнуси Ҳинд, яъне ба роҳи мунтазами обӣ баромаданро зарур меҳисобиданд. Маҳз бо ҳамин мақсад

ҳанӯз соли 1717 Пётри I ба муқобили хонигарии Хева нахустин ҳуҷуми ҳарбӣ, вале бебарор ташкил карда буд. Минбаъд Русия то нимаи дуюми асри XIX аз сабаби хуб набудани муносибаташ бо мамлакатҳои Ғарб, имконияти ғасби Осиёи Марказиро надошт;

Дуюм, дар Русия бо бекор карда шудани ҳуқуқи крепостной (19 феврали соли 1861) барои инкишофи муносибатҳои капиталистӣ имконияти васеъ фароҳам омад. Махсусан, саноати бофандагӣ тараққӣ кард, ки он вобастаи ашёи хом – пахтаи америкоӣ буд. Вале аз сабаби ҷангҳои гражданӣ дар ИМА (солҳои 1861-1865) барои Русия аз ин кишвар овардани пахта мураккаб гардид. Дар натиҷа қисме аз фабрикаҳои бофандагии Русия аз набудани пахта кори худро боздоштанд. Аз ин рӯ, ҳукуматдорони Русия барои ба вуҷуд овардани вазъияти мӯътадил мехостанд Осиёи Марказиро ба зери таъсири худ даровარда, онро ба макони ашёи хом, яъне пахта табдил диҳанд;

Сеюм, барои саноатчиёни Русия бозори нави молфурӯшӣ зарур буд. Ин гуна бозорро онҳо дар Аврупои Ғарбӣ ба даст даровარда наметавонистанд. Зеро, маҳсулоти саноатии Русия дар бозори мамлакатҳои Ғарб рақобат карда наметавонист. Аз ин рӯ, ҳомиёни саноати бофандагӣ ният доштанд, ки ҳарчӣ зудтар Осиёи Марказиро ба бозори фурӯши молҳои худ табдил диҳанд;

Чаҳорум, ҳукумати подшоҳии Русия дар ҷанги Қрим (солҳои 1853-1856) шармандавор шикаст хӯрд ва сулҳи Париж (соли 1856) ба зарари он буд. Барои бекор кардани шартҳои вазнини он (аз ҷумла назорати соҳилҳои шимолии баҳри Сиёҳ), намояндагии дипломатияи рус ҳарчанд ҷонбозиҳо кард (азбаски қувваи Русия дар Ғарб хеле заиф буд) он кӯшишҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Бинобар ин, ҳукуматдорони Русия (бо тавсияи ҳарбиён)мехостанд, ки ба Шарқ, дар сарҳади Ҳиндустон қувваҳои зиёди ҳарбии худро ҷамъ намуда, бо ин яке аз аъзоёни асосии иттиҳодияи зиддирусӣ, аниқтараш сарвари он – Англияро барои бекор кардани шартҳои вазнини сулҳи Париж моил гардонанд. Маҳз ҳамин омил аввали солҳои

60-уми асри XIX ҳуҷуми васеи қӯшунҳои русро ба муқобили Осиёи Марказӣ тезонид.

Панҷум, ҳукумати подшоҳии Русия, ки бо шикаст хӯрдан дар ҷанги Қрим на инки дар миқёси байналхалқӣ, балки дар байни синфи ҳукмрони мамлакати худ низ беобрӯ шуда буд, ният дошт, бо забти Осиёи Марказӣ обрӯяшро дар дохили мамлакат, дар назди табақаҳои болоӣ аз сари нав барқарор намояд.

Чунин сабабҳо боиси ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидани Русия гардид.

**Сарчашма:**

Сайёҳи рус П.И. Неболсин дар бораи кӯшишҳои англисҳо оиди дар Бухоро маҳдуд намудани тиҷорати молҳои русӣ чунин навиштааст: «...англисҳо бо қасди тамоман касод кардани молҳои рус дар соли 1841 ва хусусан дар соли 1842 ба Бухоро чунон ба миқдори зиёд маснуоти худро оварда, онҳоро ба чунон нархи арзон (чи навъе мегӯянд, ҳатто бар зиёни худ) ба фурӯш гузоштанд, ки тамоми мардум ба ин молҳои нав дарафтода, дигар ба читу чалвору моҳути мо эътиборе надоданд. Англисҳо бо ин васила тоҷирони моро дур карда, пас аз як-ду сол нархи молҳои худро якбора беш аз ду баробар боло бардоштанд...» (Иқтибос аз кит.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби 2. – Душанбе, 1985. – с.142).

**Санаҳои муҳим:**

1841-1842 – гуфтушуниди ҳайати дипломатии Русия бо хонигарии Хева.

1853 – ба самти Осиёи Марказӣ кушода шудани роҳи обии Русия

1853-1856 – ҷанги Қрим (ҷанги байни Русия ва Туркия)

1858 – сафорати Русия бо сарварии Н.П. Игнатев дар Хева ва Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Солҳои 1841-1842 ҳайати дипломатии Русия ҳангоми гуфтушунид бо хони Хева ба чӣ муваффақ шуданд? 2). Натиҷаи гуфтушуниди ҳайати сафорати Н.П. Игнатев дар Хева ва Бухоро чӣ тавр буд? 3). Роҳи обии Русия бо Осиёи Марказӣ аз куҷо ва кай кушода шуд? 4). Оид ба инкишофи тиҷорат байни мулкҳои Осиёи Марказӣ ва Русия мисолҳо биёред. 5). Сабабҳои асосии аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказиро номбар кунед ва ба андешаи Шумо кадоме аз ин сабабҳо ҳуҷуми васеи қӯшунҳои Русияро тезонид? 6). Аз китоби дарсии синфи 8 мавзӯъҳои инкишофи муносибатҳои дипломатию тиҷоратии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русияро ба хотир оред.

# БОБИ 2
# ҶАНГИ РУСИЯ БО ХОНИГАРИИ ҚӮҚАНД ВА АМОРАТИ БУХОРО

## §3. ОҒОЗИ ҶАНГ

### Амалиётҳои ҷангӣ аз охири солҳои 30 то миёнаи солҳои 50-уми асри XIX

Зимистони соли 1839 Русия бар зидди хонигарии Хева амалиёти ҳарбӣ сар кард. Ба лашкари 4 ҳазораи русҳо, генерал-губернатори Оренбург В.А.Перовский сарварӣ менамуд. Вале ин ҳуҷуми ҳарбӣ барор нагирифт. Сарбозони рус ба хунукии 30 дараҷаи биёбони Манқишлоқ тоб наоварда, ақибнишинӣ намуданд. 4 феврали соли 1840 вақте ки қисмҳои сарбозони рус аз шаҳри Оренбург баромада қариб 650 км роҳро тай намуданд, фармон расид, ки ҳаракатро сӯи Хева қать намуда, ба қафо гарданд. Бо ҳамин иғвои ҳарбӣ, ки бо номи «ҳуҷуми Хевагӣ» шӯҳрат дошт, зимистони соли 1840 барбод рафт.

Ҳукумати подшоҳӣ охири солҳои 40 ва аввали 50-уми асри XIX ба муқобили Осиёи Марказӣ дубора ҳуҷуми ҳарбиро дар доираи нисбатан васеъ сар карданӣ шуд. Аскарони рус барои ҳуҷум ба ин кишвар асосан дар ду самт: ҷануб (аз Оренбург) ва ҷанубу шарқ (аз Семипалатинск) омодагӣ медиданд.

Аз самти Оренбург қӯшунҳои рус соли 1847 ба соҳилҳои баҳри Арал расида, дар резишгоҳи дарёи Сир истеҳкоми Раим (ҳозира қалъаи Арал)-ро бино карданд. Дар натиҷа самти ҳарбии Оренбург то соҳили баҳри Арал давом дода шуд. Соли 1852 отряди 469 нафараи қӯшунҳои рус, бо ду тӯп, аз самти Оренбург, ба қалъаи Оқмачит (Қизил Ӯрдаи ҳозира), ки мулки хонигарии Қӯқанд маҳсуб мешуд, ҳуҷум карданд ва 72 нафарро

талаф дода, қафо гаштанд. Соли 1853 генерал-губернатори Оренбург В.А.Перовский бо отряди 2 – ҳазорнафара, бо 12 тӯп ва 5 мортира (тӯпи кӯтоҳмил) ба муқобили Оқмачит бори дуюм ҳуҷум кард. Он лаҳза Оқмачитро, ки нуқтаи муҳими стратегӣ ба ҳисоб мерафт, ҳамагӣ 250 нафар сарбозони қӯқандӣ муҳофизат мекарданд. Муҳосираи қалъа 22 рӯз давом кард. 28 июли соли 1853 қалъа аз тарафи қӯшунҳои рус забт карда шуд. Аз муҳофизони он танҳо 74 нафар зинда монданд, ки 35 нафари онҳо захмдор буданд.

Қалъаи Оқмачит баъди забт аз тарафи қӯшунҳои рус ба қалъаи ҳарбии Перовский табдил дода шуд. Ба ғайр аз ин онҳо бо зудӣ дар соҳилҳои дарёи Сир панҷ истеҳкоми нави ҳарбӣ бунёд карданд. Дар натиҷа хати ҳарбии дарёи Сир (ё худ Сирдарё) ба вуҷуд омад, ки он ҳамчун идомаи хати ҳарбии Оренбург ба ҳисоб мерафт. Аз тарафи хони Қӯқанд борҳо кӯшиши баргардонидани ин истеҳком карда шуд. Вале ҳамаи онҳо бебарор анҷомиданд.

Солҳои 1850-1854 қисми дигари қӯшунҳои рус аз ҷанубу шарқ (аз Семипалатинск) ҳаракат карда, водии Залийро ишғол намуда, соли 1854 ба шаҳри Верный (Алма-Атои ҳозира) асос гузоштанд. Дар натиҷаи ин амалиёт аз Семипалатинск то ба Верний хати дигари нави ҳарбӣ ба вуҷуд омад.

Умуман, ҷангҳои ба амал омада, аз тарафи қӯшунҳои рус ҳуҷумҳои тактикӣ буда, бо гирифтани ин ё он нуқтаҳои муҳим муваққатан қатъ мегардид. Вале бо сабаби саршавии ҷанги Қрим амалиётҳои ҳарбӣ дар Осиёи Марказӣ аз тарафи ҳарбиёни рус дар ҳар ду самт ҳам мавқуф гузошта шуд.

### Оғози ҳуҷуми забткоронаи лашкари рус дар ҳудуди Осиёи Марказӣ

Ибтидои солҳои 60-уми асри XIX қӯшунҳои Русия барои идомаи амалиёти ҷангӣ дар Осиёи Марказӣ аз сари нав омода гардиданд. Қӯшунҳои дар самти Сибир буда, ба ҳуҷум гузашта, моҳи августи соли 1860 қалъаи Токмак ва 4 сентябр қалъаи Пишпек, соли 1861 Чулек ва Янги Қӯрғонро забт карданд. Соли 1861 генерал-губернатори нави Оренбург А.П.Безак таклиф ва лоиҳаҳои бо ҳам пайвастани хати

ҳарбии дарёи Сир (Сирдарё) ва Сибирро пешниҳод кард, ки мувофиқи он шаҳрҳои Туркистон ва Тошкент бояд забт карда мешуд. Генерал-губернатори Сибири Ғарбӣ А.О.Дюгамел таклифи забти пурраи водии Зачуйро ба миён гузошт. Вале ин таклифҳо аз тарафи мутасаддиёни молиявӣ дастгирӣ надид. Аз ҳамин сабаб ҳукумати подшоҳӣ ба ҳар ду генерал-губернатор иҷозат дод, ки яке ба самти Туркистон (А.П.Безак) ва дигаре ба самти Пишпек (Бишкеки ҳозира) (А.П.Дюгамел) ва Авлиё Ота (Ҷамбули ҳозира) гӯё корҳои тадқиқотиро давом диҳанд. Ин пешниҳод барои амалдорони ҳарбӣ баҳри оғози амалиёти ҷангӣ асос гардид.

Минбаъд қӯшунҳои барои забти Осиёи Марказӣ равоншуда аз самти Шарқ, бо сарварии генерал Верёвкин ва аз самти Ғарб бо сарварии генерал М.Г.Черняев ҳаракат карда, бо ҳам наздик мешуданд. Моҳи майи соли 1864 аз тарафи Верёвкин Авлиё Ота, 12 июн қалъаи Туркистон, 21 сентябр аз тарафи Черняев Чимкент ишғол карда шуд. Ҳар ду лашкар дар Чимкент амалан бо ҳам пайвастанд. Дар натиҷа соли 1864 барои фатҳи Тошкент, ки мулки хонигарии Қӯқанд ба ҳисоб мерафт, қӯшунҳои зиёди подшоҳӣ ҷамъ шуданд. Ин далелҳо аз хусуси оғози ҳуҷуми васеи забткоронаи лашкари рус дар ҳудуди Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳанд.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров дар бораи мақсади аз тарафи Русия дар ҳудуди Осиёи Марказӣ бунёд намудани аввалин истеҳкомҳо ва барои онҳо чӣ гуна аҳамият доштани забти Оқмачит навиштааст: Аз тарафи Русия «... истеҳком ва дигар қалъаҳои соҳили баҳри Арал барои он сохта шуда буданд, ки ҳаракати бемонеаи корвонҳои тиҷоратӣ ба дарунтари Осиёи Миёна таъмин гардад... Ишғоли қалъаи Оқмачити Хӯқанд (яъне Қӯқанд-Н.Ҳ.) истеҳкоми Перовский (Қизил Ӯрдаи ҳозира), ки соли 1853 пас аз муҳосира ва ҳамлаи дастаи ҷанговарони рус таҳти фармондеҳии генерал-губернатори Оренбург В.А.Перовский ба вуқуъ мепайваст, дар роҳи ҳаракати минбаъдаи қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ марҳилаи муҳиме гардид» (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с.163-164)

**Санаҳои муҳим:**

1839-1840 – «ҳуҷуми Хевагӣ»-и қӯшунҳои рус.

1847 – сохтани истеҳкоми Раим (ҳозира қалъаи Арал)

1853- 28 июл – забти Оқмачит (Қизил Ӯрдаи ҳозира)

1854 – ба шаҳри Верний (Алма Атои ҳозира) асос гузошта шуд.

1860 –4 сентябр – забти қалъаи Пишпек (Бишкеки ҳозира)

1864 –12 июн – забти қалъаи Туркистон

1864-21 сентябр – забти Чимкент

1864 – дар Чимкент муттаҳид гардидани лашкари М.Г.Черняев ва Верёвкин.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи «ҳуҷуми Хевагӣ»-и қӯшунҳои рус чӣ медонед? 2) Қӯшунҳои рус қалъаи Оқмачитро чӣ тавр забт намуданд? 3) Ба шаҳри Верный (Алма Атои ҳозира) кай асос гузошта шуд? 4) Чаро солҳои 1854-1860 дар ҳудуди Осиёи Марказӣ амалиётҳои ҷангӣ аз тарафи қӯшунҳои Русия қатъ гардид? 5) Соли 1860 қӯшунҳои рус кадом нуқтаҳоро ба даст даровардаанд? 6) Маҳалҳои соли 1864 ба даст даровардаи қӯшунҳои русро номбар кунед. 7) Лашкари генерал Верёвкин ва Черняев дар куҷо, кадом сол бо ҳам муттаҳид гардиданд? 8) Амалиётҳои ҷангии ин давраро аз рӯи харита муайян кунед. 9) §2-ро такрор намоед.

## §§4-5. АМАЛИЁТҲОИ ҶАНГӢ ДАР СОЛҲОИ 1864-1866

### Забти Тошкент

Диққати Черняевро, махсусан, Тошкент ба худ ҷалб карда буд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо ҳукумати марказии Русия ба вай ҳуқуқи забти Тошкентро надода буданд. Яъне онҳо умед мекарданд, ки ин шаҳр ихтиёран ба ҳайати Русия дохил мешавад. Аммо таъкид шуда буд, ки агар хавфи аз тарафи қӯшунҳои Бухоро забт намудани Тошкент ба вуҷуд ояд, он гоҳ ӯ ба сӯи ин шаҳр лашкар кашад. Ҳадафи асосии тохтутозҳои амири Бухоро – Музаффархон дар он солҳо Қӯқанд буд. Ин воқеа барои Черняев кифоя буд, ки ихтиёран ба сӯи Тошкент ҳуҷум кунад. 1 октябри соли 1864 қӯшунҳои рус бо сарварии Черняев ба

# ХАРИТАИ ЗАБТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ТАРАФИ РУСИЯ



Тошкент аввалин бор ҳуҷум кард, вале бебарор ба Чимкент баргаштанд. Ин бебарорӣ ҳарбиёни русро водор сохт, ки барои фатҳи Тошкент ҷиддитар омода гарданд.

29 апрели соли 1865 Черняев ба сӯи Тошкент бори дуюм ҳуҷум кард. Ӯ дар аввал дамбаи дарёи Чирчикро вайрон карда, канали Анҳорро хушк намуд ва шаҳрро беоб гузошт. Ҷангҳои шадид ба вуҷуд омаданд. Фақат шаби 15 июни соли 1865 ба Черняев муяссар гардид, ки ба шаҳр дохил шаванд. Дар натиҷа ҷангҳои сахти кӯчагӣ оғоз ёфт, ки он се рӯз давом кард. Ниҳоят, 17 июн Тошкент аз тарафи Черняев забт карда шуд. Байни намояндагони шаҳр ва Черняев шартнома имзо гардид.

Моҳи сентябр генерал-губернатори Оренбург ҳангоми дар Тошкент буданаш ин шаҳрро бо мақсади аз таъсири Қӯқанду Бухоро озод нигоҳ доштан, мулки мустақил эълон кард. Вале он вақт ҷангҳои байни Бухорою Қӯқанд (яъне бо муқобилони Худоёрхон) давом мекард. Амири Бухоро баъди забти Хуҷанд ба сӯи шаҳри Қӯқанд ҳаракат карда, дар як вақт аз сарварони қӯшунҳои рус талаб кард, ки Тошкентро ба ихтиёри ӯ супорида, худ аз шаҳр баромада раванд. Ҳукумати подшоҳӣ чунин таҳдиди Музаффархонро ба инобат нагирифта, моҳи октябри соли 1865 ба таври расмӣ ба ҳайати Русия дохил шудани Тошкентро эълон кард.

### Муҳорибаҳои нахустини байни Русия ва Бухоро

Барои амалиёти минбаъдаи қӯшунҳои рус дар пеши роҳи он истеҳкоми нисбатан мустаҳкам – Ҷиззах меистод, ки мулки Бухоро ба ҳисоб мерафт. Дар Бухоро воқеаи аз тарафи қӯшунҳои рус забт гардидани Тошкент мардумро ба ҳаракат оварда буд. Баъзе гурӯҳҳо амирро барои дар ҷангҳои муқобили Русия иштирок накарданаш на танҳо сарзаниши сахт, балки қасди ҷонашро карданд. Аз ҳамин сабаб ӯ маҷбур шуд, ки ба ҷанги муқобили Русия омодагӣ бинад.

Дар Бухоро омодагии амир ба ҷанг ҳанӯз давом дошт. Вале охири январи соли 1866 як гурӯҳи нисбатан хурди қӯшунҳои рус бо сарварии генерал Черняев ба Ҷиззах расиданд. Дар қалъаи Ҷиззах аскарони бухороӣ хеле кам буданд. Бинобар ин

мудофиаи қалъаро худи ҷиззахиён ба ӯҳда гирифта, ба Черняев зарба заданд. Дар натиҷа ҷанги аввали Ҷиззах бо ғалабаи бухороиён, аниқтараш – ҷиззахиён ва бо мағлубияти Черняев анҷом ёфт. Ғалаба дар ҷанги якуми Ҷиззах бухороиёнро хеле рӯҳбаланд кард. Амир Музаффархон низ бо мақсади идомаи ғалаба, бо қувваи зиёд ба Ҷиззах ҳозир шуда, дар Сассиққӯл ном маконе (соҳили чапи дарёи Сир) манзил гирифт. Аз ин ҷо як қисми сарбозони амир ба сӯи Чирчиқ, қисми дигар ба сӯи қалъаи Чордара фиристода шуданд. Сарварии умумии ин амалиётро Музаффархон ба ӯҳдаи худ гирифт. Вале вай ба ҷои сарварӣ ва назорати омодагии амалиёти ҷангӣ дар ҳамон лаҳза ҳам бо базму шатранҷбозӣ машғул буда, на танҳо ба ғалабааш боварии комил дошт, балки ҳатто дар фикри мусодираи хазинаи дар Петербург доштаи ҳукумати Русия ва роҳҳои минбаъд истифода бурдани «асирони» ҳарбии рус буд.

Баъди шикастхӯрӣ дар Ҷиззах Черняев аз Осиёи Марказӣ даъват карда шуд ва ба ҷояш генерал Д.И.Романовский таъин гардид. Вай нисбат ба амири Бухоро ба ҷанги навбатӣ аз ҳар ҷиҳат омода буд. 8 майи соли 1866 дар Майдаюлғун, ё худ Эрҷор (дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд) байни қӯшунҳои русу бухороӣ ҷангҳои шадиде ба вуқӯъ омад ва он бо ғалабаи русҳою мағлубияти бухороиён анҷом ёфт. Дар асл ин ҷанги нахустини байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия ба ҳисоб меравад. Амир Музаффар бо наздикон ва посбонони худ аз майдони ҷанг ба сӯи Самарқанд гурехтанд.

### Забти Хуҷанд ва Ӯротеппа

Баъди ғалаба дар муҳорибаи Майдаюлғун мақсади фармондеҳони ҳарбии рус роҳ надодан ба муттаҳидшавии қӯшунҳои амири Бухоро ва хони Қӯқанд буд. Бо ҳамин мақсад онҳо ба сӯи Хуҷанд ҳаракат карданд. Шаби 19 ба 20 майи соли 1866 қӯшунҳои рус ба ин шаҳр наздик шуда аз 18 тӯп ва 8 мортир (тӯпи кӯтоҳмил) шаҳрро тирборон карданд. Саҳарии 21 май муҳосираи шаҳр оғоз ёфт. Вале аз сабаби муқобилияти сахти муҳофизони шаҳр аскарони рус ба шаҳр дохил шуда натавонистанд. Барои мудофиаи шаҳр на танҳо мардуми бумии он-тоҷикон, балки ӯзбекҳо низ мардонагӣ нишон доданд.

Артиши ба ғазаб омадаи подшоҳӣ шаҳрро се шабонарӯз гулулаборон карданд. 24 май қӯшунҳои рус ба шаҳри вайрону валангоргардида соҳиб шуданд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо шумораи халокшудагон аз ҳисоби муҳофизони шаҳри Хуҷанд ба 2,5 ҳазор нафар расидааст, ки маросими дафни ҷасади онҳо як ҳафта давом кардааст. Аз тарафи истилогарон ҳамагӣ 5 нафар ҳалок шудааст. 28 май Нов аз ҷониби қӯшунҳои рус забт гардид.

Баъди муҳорибаи Майдаюлғун ва забти Хуҷанду Нов ҳайати фармондеҳии қӯшунҳои рус умед доштанд, ки амири Бухоро аз ҷангҳои нав даст кашида, худро мағлуб меҳисобад. Аммо чунин умеди онҳо хом баромад. Музаффархон ба ҷангҳои нав омодагӣ медид. Ҳарбиёни рус аз ин воқиф гардида, тирамоҳи ҳамон сол амалиёти забткоронаи худро идома доданд. 1 октябр аз тарафи онҳо Ӯротеппа муҳосира гардид, ки онро 4 ҳазор нафар муҳофизат мекарданд. 2 октябр шаҳр аз тарафи забткорон ишғол карда шуд. Талафоти ҷонии муҳофизон хеле бузург буд.

**Забти Ҷиззах**

11 октябри соли 1866 аз тарафи қӯшунҳои рус муҳосираи нав, ё худ ҷанги дуюми Ҷиззах оғоз ёфт. Ба онҳо дар ин муҳориба генерал-адъютант Н.А. Крижановский сарварӣ мекард. Ҷиззах аз ҳар ҷиҳат ба истеҳкоми мустаҳкам табдил ёфта буд. Онро се қатор деворҳои баланд ва канали чуқур иҳота мекард. Барои мустаҳкам намудани он дар муддати ҳашт моҳ ҳазорҳо нафар мардуми тоҷику ӯзбек кор кардаанд. Ҳангоми ҷангҳо бошад, шумораи муҳофизони қалъаи Ҷиззах 10 ҳазор нафарро ташкил додааст. Аз ҳамин сабаб ҳам барои забти ин қалъа 7 рӯз ҷангҳои шадид давом кард. Муҳофизон, ки асосан тоҷикону ӯзбекон буданд, матонату далерӣ нишон доданд. Вале дар рафти ҷангҳои шадид қӯшунҳои рус пеши роҳи обро баста, бо ин муҳофизонро аз таъминоти об маҳрум намуданд. Чунин амалиёт вазъияти муҳофизонро дар ҳолати мураккаб гузошт. Ниҳоят, 18 октябр шаҳри вайрона бо 2,5 ҳазор нафар қурбоншудагон ва маҷрӯҳони бисёр насиби аскарони рус гардид.

Баъди мағлубияти Ҷиззах қувваҳои зиёди зиддирусӣ дар Янгиқӯрғон ҷамъ шуда буданд, ки дар байни онҳо на танҳо

сарбозони амир, балки отрядҳои собиқ бекҳои Ӯротеппа, Ҷиззах, дастаҳои туркманҳо, афғонҳо ва ғайра низ буданд. Дар байни онҳо қисми асосиро сарбозони амири Бухоро ташкил медоданд. Вале дар муҳорибаи Янгиқӯрғон ҳам ғалаба насиби қӯшунҳои рус гардид, ки ба онҳо генерал А.К.Абрамов сарварӣ мекард.

Қӯшунҳои рус баъди забти Ҷиззах ва Янгиқӯрғон аз идомаи амалиёти ҷангӣ муваққатан худдорӣ намуда, ба муҳорибаҳои минбаъда омодагӣ медиданд. Ҳукумати подшоҳӣ дар ин муддат масъалаҳои идоракунии мулкҳои забтшударо ҳал менамуд.

**Сарчашма:**

Аҳмади Дониш дар бораи мағрурии амир Музаффархон, дараҷаи омодагии аскарони ӯ ба ҷанг ва натиҷаи муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷор навиштааст: "Пеш аз ҳамроҳ шудани Тошканд ба давлати Русия, дар айёме, ки амир озимати сафари Хӯқанд (яъне Қӯқанд – Н.Ҳ.) дошт, муҳаррири сутур бинобар муҳиммӣ дар ӯрдуи султонӣ буд. Умаро барои маслиҳат ба ҳузури амир мерафтанд. Баъд аз итмоми маҷлис яке аз вузаро берун шуд. Ман аз муҳовароти маҷлис пурсидам, гуфт: Баъзе аз умаро савории болои Тошкандро тарҷеҳ намуда арз карданд. Марзои амир наяфтод, фармуд ки болои Тошканд, он ки ғалаба овардааст, нӯкаре аз аскари Русия аст. Маро ору нанг меояд, ки ба як нӯкари ӯ муқобала шавам. Ман агар саворӣ кунам, рост болои Масков меравам».

«Ва ҳам дар он овон Русия ҳанӯз ба болои Диззах (яъне Ҷиззах – Н.Ҳ.) юриш наоварда буд, ки дар шаҳри (Бухоро) миёни толибилму уламои мутабаҳҳири Бухоро ошӯбу ғавғо бунёд шуд, ки ҷиҳод фарз шуда сағиру кабир ва вазеъу шарифро фарз аст, ки ба болои куффор берун оянд.

Амир аз сунӯҳи ин ғавғо мутаҳаййир шуда, чору ночор илтизоми лашкаркашӣ намуда, ба таҳияи асбоби ҷиҳод машғул шуд ва дурустии асбоби сафарро карда бо аскари фаровон саросема аз шаҳр баромада, миқдори сию шаш адад тӯпу чанд шутур қӯрхона кашида баромаданд. Вақте ки муқобили душман мешуданд, ҳанӯз дору ва фашангу гулӯла дар Бухоро буд ва ҳама асбоб ноқису нотамом ва доруи милтиқ ба наҳҷе часпон, ки як ташт оташ даркор то ӯ шӯъла диҳад бе овоз. Ва баъд аз баромадани аскар нафари омм дар шаҳр афтод, ки ба ғазо берун оянд ва ба дари ҳар хонае чӯбакзани, ки зуд бароянд. Мардуми шаҳр, ки гоҳе овози тӯпу туфангро нашу-

нида буданд ва ба маъракаи корзор нарасида, гумон мекарданд, ки ғазо низ чун маъракаи гӯштингирӣ будагист, ё майдони пойгатозӣ бошад. Ҳар кадом чӯбе се газӣ бардоштанд ва баъзе ба сари он чӯб миқдоре аз оҳан ҳалқа баста, то агар хасм чӯбе андозад, онҳо низ он чӯб ба сари ӯ фуруд оранд...

Ва билҷумла аскари зиёда аз ҳадду ҳаср бад-ин насқ ҷамъ шуда, баъзе ба шавқу, баъзе ба карах, аз ҳар табақаи мардум ба нияти ғазо мерафтанд, баъзе даҳрӯза озуқа бардошта ва баъзе якмоҳа. Ҷаноби амир низ чун ин ҷамъиятро мулоҳиза намуд, ба худ ҷазм фармуд, ки ба ҳамин юриш Фитирбурх (яъне, Санкт-Петербург- Н.Ҳ.) пойтахти импиратур фатҳ хоҳад шуд, чи медид ки тӯлу арзи қӯшун ба ду фарсах меравад...

Дар муддати ду моҳи камо беш ба лаби дарёи Сир рафтанд, дар соҳате мусаммо ба Сассиққӯл, нузул фармуд. Ғозиёни муаскари ҳумоюн пеш аз он ки ба манзил фуруд оянд, аз ғазо пушаймон гашта, дар тараддуди гурезу махласӣ афтоданд...

Ва он ҷое ки амир нузул фармуда, саропардаи иҷлол афрошта дошт, то маъракаи қотил ним санг камо беш буд, ки овози нақораи аскария мерасид ва амир дар сояи шомиёна ба лаъби шатранҷ машғул буд ва ҷамоъае аз қavvолон қавлу ғазал мегуфтанд...

Ба ҳамон юриш (қӯшуни) Русия омада тӯпҳоро соҳибӣ кард ва ду се сочмаи тӯпча ба сӯи ғозиёни ислом ба ҳадя фиристод. Ҳама мунтазири фирор буданд, якбора фирори барқвор ихтиёр карданд...

Он гоҳ хабар оварданд ба ҷаноби амир, ки аскар бевафоӣ карданду пушт доданд, амир низ саросема ба болои асби қанталӣ ва зинхолие нишаста, фурсат наёфт, ки аммома бар сар кунад ё ҷома бипӯшад. Ҳамчунон аз сари шатранҷ бархоста болои зин (бар) нишаст ва асб меронд...

Ва дар он гуреза амир низ фурсати нуқси ҳоҷат наёфта ҳам ба болои зини асб бавл карда эзорро мулаффас гардонида, наздики ишо ба қишлоқе Хавос ном расида фаромад... то пагоҳ вақти ишроқ (сӯбҳ) баъзе аз умарои давлат ба даври ӯ таниданд. Боз ба либоси тоза ороиш дода, ҳамчунон то ба Самарқанд мурочиат намуданд...»

(Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. – Душанбе, 1992 – с.22-27)

**Санаҳои муҳим:**

1865 – 17 июн – забти Тошкент

1866 – охири моҳи январ – муҳорибаи якуми Ҷиззах

1866 – 8 май – муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷор, нахустин муҳорибаи байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия

1866 – 24 май – забти Хуҷанд
1866 – 2 октябр – забти Ӯротеппа
1866 – 11-18 октябр – муҳорибаи дуюми Ҷиззах.

**Савол ва супоришҳо:**
1) Қӯшунҳои рус шаҳри Тошкентро кай ва чӣ тавр забт намуданд? 2) Ҷанги якуми Ҷиззах бо ғалабаи кӣ анҷомид? 3) Муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷорро чаро муҳорибаи аввалини байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия ҳисоб мекунанд ва он чӣ хел анҷом ёфт? 4) Муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷорро дар асоси ҳуҷҷат – гуфтаҳои Аҳмади Дониш муфассалтар нақл кунед. 5) Муҳорибаи Хуҷанд кай ба амал омад ва чи натиҷа дод? 6) Ҷиззах аз тарафи қӯшунҳои Русия кай забт гардид? 7) Амалиётҳои ҷангиро аз рӯи харита муайян кунед. 8) §§2 ва 3-ро такрор намоед.

## §6. ТАЪСИСЁБИИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

### Ташкил намудани генерал-губернатории Туркистон

Аввали соли 1865 аз ҳисоби заминҳои аз хонигарии Қӯқанд ишғолкардаи қӯшунҳои рус вилояти Туркистон дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург ташкил ёфт. Сарвари ин вилояти навбунёд генерал Черняев таъин гардид.

Соли 1867 ҳукуматдорони подшоҳӣ натиҷаи амалиётҳои ҷангии худро дар сарзамини Осиёи Марказӣ гӯё ҷамбаст намуданд. Бо марказ дар Тошкент генерал-губернатории Туркистонро ташкил доданд, ки он заминҳои аз соли 1847 то он лаҳза аз мулкҳои хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро забт намудаи қӯшунҳои русро дарбар мегирифт. Дар ибтидо генерал-губернаторӣ аз ду вилоят: Сирдарё (марказаш Тошкент) ва Ҳафтруд (марказаш Верний) иборат буд. Мувофиқи ин тақсимот мулкҳои Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззах ва ғайра ба ҳайати вилояти Сирдарё дохил шуданд. Соли 1875 тақсимоти нави маъмурии кишвари Туркистон гузаронида шуд, ки мувофиқи он уезди Хуҷанд (ба он Нов ва Ӯротеппа низ дохил мешуд) ба ҳайатии вилояти Самарқанд дохил гардид. Ҳудуди генерал-губернаторӣ ва миқдори вилоятҳои он минбаъд аз

ҳисоби мулкҳои тозаишғоли қӯшунҳои рус меафзуд. Баробари бунёди генерал-губернатории округи ҳарбии Туркистон низ ташкил ёфт.

### К.П. Кауфман – аввалин генерал-губернатори Туркистон

14 июли соли 1867 аввалин генерал-губернатори Туркистон генерал-адъютант, барон фон К.П.Кауфман таъин гардид. Подшоҳи Русия Александри II дар асоси «Ярлиқи заррин»-и худ ба Кауфман ҳуқуқи васеъ дода буд, ки мувофиқи он ӯ мустақилона бо давлатҳои ҳамсоя масъалаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, сарҳадӣ, ташкили сафоратҳо, имзои шартномаҳо ва ғайраҳоро ҳал менамуд. Кауфман дар асоси он ҳуҷҷат минбаъд ваколат дошт, ки бо давлатҳои ҳамсоя, аз он ҷумла аморати Бухоро, хонигариҳои Хеваю Қӯқанд ва ғайра мустақилона ҷанг эълон кунад ва ё бо онҳо сулҳ имзо намояд. Ӯ маҳз тавассути чунин ҳуқуқҳои номаҳдудаш, дар байни халқ ҳамчун «нимподшоҳ» ном баровард.

Кауфман эҳсос намуд, ки хони Қӯқанд – Худоёрхон дигар қудрати ҷанг кардан надорад, аммо амири Бухоро – Музаффархон ҳанӯз ҳам тавоност. Ӯ боварии комил дошт, ки Бухорою Қӯқанд дигар муташаккилона ба муқобили қӯшунҳои рус баромада наметавонанд. Зеро, баробари ба ихтиёри Русия гузаштани Хуҷанду Ӯротеппа ва Ҷиззах амиру хон аз робитаи байниякдигарӣ маҳрум гардидаанд. Бинобар ин Кауфман соли 1868 бо Худоёрхон шартномаи барои Русия мувофиқро имзо кард. Мувофиқи он ҳуқуқи мустақилии хон аз даст рафт. Акнун савдогарони рус дар сарзамини хонигарӣ озодона амал карданро ба даст даровароданд.



*К.П. Кауфман*

Яъне, мувофиқи ин шартнома хонигарии Қӯқанд тобеи Русия гардид.

Ҳамин тавр, дар сарзамине, ки аз тарафи қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ забт гардида буд, генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт. Ҳарчанд вилоятҳои он номҳои таърихии худро соҳиб шуданд, яъне Сирдарё, Ҳафтрӯд, минбаъд Самарқанд, Фарғона ва ҳатто Моварои Каспӣ (Закаспий), вале «Туркистон» ном гирифтани ин кишвари бузург ҳақиқати ҳолро ифода намекард. Аввалан, мулкҳое, ки ба ҳайати генерал-губернаторӣ дохил гардид, ба ғайр аз як ҳиссаи сарзамини вилояти Ҳафтрӯд, боқӣ ба Туркистони таърихӣ ҳеҷ алоқа надоштанд. Сониян, дар ҳудуде, ки соли 1867 генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт, мардуми туркнажод нисбат ба мардуми эронинажод, аз ҷиҳати шумора бартарии зиёд надоштанд.

### Идораи генерал-губернаторӣ

Маъмурияти кишвари Туркистон аз ҷиҳати идоракунӣ ба мисли дигар губернияҳои Русия на ин ки ба вазорати корҳои дохилӣ, балки ба вазорати ҳарбии он итоат мекард. Аз ҷиҳати маъмурӣ генерал-губернатории Туркистон ба вилоятҳо, вилоятҳо ба уездҳо, уездҳо ба волостҳо тақсим мешуданд. Генерал-губернатор дар ихтиёри худ идоракунии маъмурӣ ва ҳарбиро муттаҳид мекард. Дар назди ӯ ҷонишин ва шӯрои махсус аз амалдорони ҳарбӣ ва граждании кишвар вуҷуд доштанд. Органи иҷроия бошад, конселярияи ӯ ба ҳисоб мерафт, ки он дар навбати худ аз се шӯъба иборат буд. Шӯъбаи аввал бо масъалаҳои маъмурӣ ва ҳайати шахсии маъмурияти кишвар; шӯъбаи дуюм – бо масъалаҳои замину андоз, сохтмон, алоқа ва масъалаҳои молия, воридоту содирот, назорат аз болои моликияти вақфӣ, назорат аз болои хориҷиёни дар кишвар буда ва ғайра машғул буданд. Шӯъбаи сеюм – шӯъбаи махсуси дар назди конселярия буда, ҳамчун қисми дипломатӣ ба ҳисоб мерафт, ки он аз соли 1899 чун амалдори дипломатии намояндаи вазорати корҳои хориҷӣ шуморида мешуд ва ба воситаи он сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ аз болои аморати Бухорою хонигарии Хева низ амалӣ мегардид.

Дар вилоятҳо губернаторҳои ҳарбӣ, дар уездҳо сарварони уездҳо роҳбарӣ мекарданд. Ҳамаи онҳо шахси ҳарбӣ ва якҷоя маъмурияти ҳарбии кишварро ташкил мекарданд. Бояд қайд кард, ки қисме аз онҳо дар қатори рутбаи ҳарбӣ доштан аз таъриху маданияти кишвар хабардор буданд, забонҳои маҳаллиро медонистанд, баъзеашон шарқшиносони номӣ (ба монанди Н.С. Ликошин – губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд) ба ҳисоб мерафтанд.

Сарварони вилоятҳо ҳокимияти маҳаллӣ – оқсақолони деҳаҳо ва авулҳоро аз ҳисоби бойҳои маҳаллӣ интихоб мекарданд. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳокимияти маҳаллиро «ҳокимияти халқӣ» мегӯянд. Ин ҳокимияти халқӣ якҷоя бо маъмурияти ҳарбӣ номи «идоракунии ҳарбию халқӣ»-ро гирифтааст.

**Сарчашма:**

Дар ахбороти иҷрокунандаи вазифаи губернатори ҳарбӣ Мантейфел ба фармондеҳи қӯшунҳои округи ҳарбии Оренбург дар хусуси ташкил кардани округи Пасидарё (аз 13 декабри соли 1866) гуфта шудааст: «Бо мақсади зудтар ташкил кардан ва ҳар чӣ беҳтар таъмин намудани кишвар, зарур мешуморам, ки аз маҳалҳои ҳамин сол забт намудаамон дар соҳили чапи Сирдарё – Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Зомин ва Ҷиззах як округи Пасидарё бо 5 шӯъбааш: Хуҷанд, Ӯротеппа, Зомин, Ҷиззах, Ирҷор (Эрҷор) ташкил карда шавад.

Идоракунии умумии округи Пасидарё ва сардории қӯшунҳои он ҷо ба иҷрокунандаи вазифаи коменданти шаҳри Хуҷанд полковник Фавитский супорида шавад. Командирии отряди дар назди Ҷиззах ҷамъовардашударо ба полковник Абрамов, бо шарти итоат кардан ба полковник Фавитский супорида шавад».

(*Ниг.*: Хрестоматияи таърихи РСС Тоҷикистон. Нашри 2. – Душанбе, 1963. – с.124).

**Санаҳои муҳим:**

1865 – ташкили вилояти Туркистон дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург

1867 – ташкил намудани генерал-губернатории Туркистон

1867-1882 – солҳои генерал-губернатори Туркистон будани К.П. Кауфман

1875 – тақсимоти нави маъмурии кишвари Туркистон.

**Савол ва супоришҳо:**

Вилояти Туркистон кай ташкил ёфт ва он кадом мулкҳоро дар бар мегирифт? 2) Генерал-губернатории Туркистон кадом сол таъсис дода шуд ва он аз кадом вилоятҳо иборат буд? 3) Аввалин генерал-губернатори Туркистон кӣ буд ва ӯ чӣ гуна ҳуқуқҳо дошт? 4) Оё «Туркистон» ном гирифтани қисми бузурги қаламрави Осиёи Марказӣ бо ҳақиқати таърихӣ мувофиқат мекунад? 5) Сохти идоракунии генерал-губернатории Туркистонро аз боло ба поён шарҳ диҳед? 7) Ҳудуди генерал-губернатории Туркистон ва вилоятҳои аввали онро аз рӯи харита муайян кунед. 8) §§3,4-5-ро такрор намоед.

## §§7-8. АЗ РУСИЯ ШИКАСТ ХӮРДАНИ АМОРАТИ БУХОРО

**Муҳорибаи Чӯпонато**

К.П.Кауфман баробари генерал-губернатори Туркистон таъин гардиданаш амалиёти забткоронаи гузаштагони худро давом дод. Мақсади асосии ӯ таслим намудани аморати Бухоро буд. Дар ибтидо диққати ӯро вазъияти мураккаби Самарқанд ба худ ҷалб кард. Баъди аз даст рафтани Ҷиззах, ба ин гурӯҳҳои гуногун якдигарро муттаҳам меҳисобиданд. Ихтилофи байни онҳо то ба дараҷаи хунрезӣ расид. Чунин ҳолат, аз як тараф қувваи муҳофизони шаҳрро заиф намуда бошад, аз тарафи дигар сарварони қӯшунҳои дар Осиёи Марказӣ доштаи Русияро хурсанд намуд.

1 майи соли 1868 дар баландии Чӯпонато (наздикии Самарқанд) муҳорибаи сахттарини байни қӯшунҳои рус ва сарбозони амир, ки дар якҷоягӣ бо ихтиёриён амал мекарданд, ба вуқӯъ омад. Дар ин муҳориба ҳокими Ҳисор Раҳмонқулбӣ

парвоначии манғит низ бо отряди худ иштирок дошт ва таърихшинос Мирзо Азими Сомӣ воқеанигори ӯ буд. Бухориён ҳарчанд аз ҷиҳати шумора нисбат ба аскарони подшоҳӣ, ки ба онҳо бевосита худи К.П.Кауфман сарварӣ мекард, бартарӣ дошта бошанд ҳам (аз рӯи баъзе маълумотҳо шумораи онҳо ба 100 ҳазор нафар мерасид), аммо аз ҷиҳати таҷрибаи ҳарбӣ ва таъмини силоҳ хеле заиф буданд. Дар натиҷа ин муҳориба ҳам боиси мағлубият ва талафоти бузурги бухороиён, аз он ҷумла сарбозони амир гардид.

**Забти Самарқанд**

Мағлубият дар муҳорибаи Ҷӯпонато тақдири Самарқандро низ ҳал намуд. Зеро, сарварони ин шаҳри бостонӣ муқобилияти минбаъдаро нисбат ба қӯшунҳои истилогари Русияи подшоҳӣ бефоида ва ба зарари шаҳру шаҳриён (яъне боиси талафоти бешумор ва инчунин вайрониҳои зиёд) ҳисобида, бе муқобилият дарвозаи шаҳрро ба қӯшунҳои рус кушоданд.

Ҳамин тавр, 2 май қӯшунҳои рус дохили Самарқанд гардиданд. 3 май ин хабар ба амир Музаффархон расид, ки ӯ дар он лаҳза дар Кармина буд. Вай ҳатто аз изтироб қосиде, ки хабари аз даст рафтани Самарқандро барояш расонид, қатл намудааст.

Дар чунин вазъият гуфтушуниди намояндагии Русия ва Бухоро оид ба масъалаи тиҷорат давом дошт ва он 11 майи



*Лаҳзаи ба шаҳри Самарқанд дохил гардидани аскарони рус дар соли 1868 (аз рӯи расми рассом В.В. Верешагин)*

соли 1868 бо имзои шартномае, ки иборат из 6 банд аст, анҷом ёфт. Мувофиқи он дар қаламрави аморати Бухоро барои тоҷирони Русия имконияти васеи амалиёт дода шуд.

**Муҳорибаи Зирабулоқ**

Имзои шартномаи тиҷоратии 11 майи соли 1868 идомаи ҷангро дар байни Русия ва Бухоро боз надошт. 12 май Ургут, 18 май Каттақӯрғон аз тарафи қисмҳои аскарони рус ишғол карда шуд. Умуман, муҳорибаҳои минбаъда исботи он буданд, ки қӯшунҳои амир имконияти муқобилиятнишондиҳиро аз даст додаанд. Амир Музаффархон чунин вазъиятро эҳсос намуда, маҷбур шуд, ки ба имзои шартномаи пешниҳодкардаи Кауфман розӣ шавад.

Ҳанӯз шартнома дар байни Бухорою Русия имзо нагардида, хабари он, яъне ба имзои он майл кардани амир ғазаби як қисми мардуми Бухороро ба вуҷуд овард. Як ҳиссаи чунин мардуми ба шӯромада, ки ба сӯи Самарқанд ба роҳ баромада буданд, дар Чӯли Малик (байни Ғиждувону Самарқанд) аз тарафи сарбозони амир пароканда карда шуданд.

Яке аз сардорони қабилаҳои қазоқ – Сиддиктӯра, ки баъди аз тарафи қӯшунҳои рус забт гардидани мулкаш – Туркистон гурехта дар Бухоро паноҳ ёфта буд, сар бардошта Ғиждувонро ғорат намуд, Карминаро забт кард ва худро хони чингизнажод ном ниҳод. Олимақомони худи Бухоро ҳам аз амир талаб мекарданд, ки бо «кофирҳо», яъне русҳо ҷангро давом диҳад. Бинобар ин, амир маҷбур шуд, ки боз майли ҷанг намояд. Ӯ дар наздикии Зирабулоқ 15 ҳазор сарбозони савора, 6 ҳазор сарбозони пиёда ва 14 тӯпро бо сарварии Ҳоҷӣ Тӯқсабо ва Усмон Туқсабо ҷамъ намуд. Аз рӯи маълумотҳои дигар шумораи умумии сарбозон ва мардуме, ки он ҷо ба муқобили аскарони рус ҷамъ шуда буданд, ба 50 ҳазор нафар мерасид.

2 июни соли 1868 дар наздикии Зирабулоқ муҳорибаи сахттарин ва охирини байни Русияю Бухоро ба вуқӯъ омад. Вале мағлубият боз насиби сарбозони амир гардид. Онҳо 1500 нафарро талаф доданд.

Қӯшунҳои рус баъди ғалаба дар Зирабулоқ боз ба сӯи Самарқанд равон шуданд. Зеро дар он ҷо ҳанӯз 1 июн шӯриши зиддирусӣ ба амал омада буд. Шӯришгарон шаҳрро ба даст

даровaрда, намояндагони Русия ва маҳаллиёни бо онҳо ҳамкорӣ намударо ба қатл расонидаанд. Ҳокимони Китоб – Ҷӯрабек ва Шаҳрисабз – Бобобек (писари Ҳакимбек) ҳам бо дастаи худ ба Самарқанд, ба кӯмаки шӯришгарон омаданд. Вале онҳо, баробари шунидани хабари ҳаракати қӯшунҳои рус бо сардории Кауфман, шӯришгаронро ба ҳолашон гузошта, аз Самарқанд баромада рафтанд. Шӯришгарон ба чунин вазъият нигоҳ накарда, ҳафт рӯз шаҳрро муҳофизат карданд ва ба қӯшунҳои рус муқобилияти сахт нишон доданд. 8 июни соли 1868 шӯриши Самарқанд бо ваҳшоният пахш карда шуд.

**Шартномаи 23 июни соли 1868**

Барои Музаффархон баъди мағлубият дар муҳорибаи Зирабулоқ ва пахш намудани шӯриши Самарқанд ба ғайр аз қабули таклифи Кауфман оид ба имзои шартномаи пешниҳодкардааш чораи дигаре набуд. Бинобарин ӯ намояндаи худро барои имзои шартнома ба Самарқанд фиристод. 23 июни соли 1868 шартномаи байни Русия ва Бухоро имзо гардид, ки мувофиқи он амир вазифадор шуд: аз заминҳои забтнамудаи қӯшунҳои рус дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд ва Каттақӯрғон ба фоидаи Русия даст кашад; ба хазинаи ҳукумати подшоҳӣ чун товони ҷанг 125 ҳазор тилло (500 ҳазор сӯми русӣ) фиристад; аз хоки Бухоро хати телеграф гузаронад; ба тоҷирони Русия имконияти дар сарзамини аморат озодона амал карданро диҳад; дар дарёи Аму ба рафтуомади киштиҳои Русия мамоният накунад; ғуломдориро манъ намояд ва ғайраҳо. Мувофиқи ин шартнома амир аз ҳуқуқи муносибати мустақилона бо дигар давлатҳои ҳамсоя маҳрум мегардид. Яъне, дар асоси ин банди шартнома аморати Бухоро дар ҳақиқат аз ҷиҳати ҳуқуқӣ (юридикӣ) бояд тобеи Русия мегардид.

Шартномаи номбурда баъди имзои тарафайн барои тасдиқ ба подшоҳи Русия Александри II фиристода шуд. Подшоҳ бошад бо сабабҳои сиёсию иқтисодӣ шартномаро тасдиқ накард. Аз ин рӯ, он шартнома ҳукми қонуниро нагирифт. Соли 1869 ҳукумати амир, ки аз ин ҳолат хабар надошт, бо сафирони худ як қисми товони ҷангро (50 ҳазор тангаи тилло ва 19 ҳазор тангаи нуқра) ба хазинаи ҳукумати подшоҳӣ фиристод,

хазинадорони подшоҳӣ ҳам он ғаниматро бе ягон дудилагӣ қабул карданд.

**Исёни Абдумаликтӯра**

Баъди имзои шартнома вазъият дар Бухоро боз ҳам мураккаб гардид. Шахсони аз шартнома норозӣ дар атрофи писари калонии амир Музаффархон – Абдумаликтӯра (Катта тӯра), ки ҳокими Ғузор буд, ҷамъ омада, ӯро амир эълон карданд. Ҳокимони Китобу Шаҳрисабз – Ҷӯрабеку Бобобек ҳам бо дастаҳои худ ба тарафи Абдумаликтӯра гузаштанд. Дар натиҷа дар худи Бухоро ба муқобили Музаффархон қувваи бузурге ташкил ёфт. Аз рӯи баъзе маълумотҳо тирамоҳи соли 1868 дар ихтиёри Абдумаликтӯра қариб 8 ҳазор нафар аскар буд. Сиддиқтӯраи қазоқ низ ба тарафи ӯ гузашт. Агар ҳамон лаҳза қувваҳои Абдумаликтӯра, ки Қарширо ба маркази худ табдил дода буданд ва Музаффархон бо ҳам бар мехӯрданд, мағлубияти амир аз эҳтимол дур набуд. Инро худи амир ҳам эҳсос намуда, барои имдод ба К.П.Кауфман муроҷиат кард. Кауфман нағз мефаҳмид, ки ҳаракати Абдумаликтӯра пеш аз ҳама муқобили манфиати Русия аст, аз ҳамин сабаб ба таклифи Музаффархон розӣ шуд. Ӯ барои пахш намудани шӯриш қӯшунро бо сарварии генерал А.К. Абрамов фиристод.

Тирамоҳи соли 1870 ба қӯшунҳои Абдумаликтӯра, ки дар наздикии Қаршӣ омодаи ҷанг буданд, сарбозони амир ва аскарони рус якбора ҳуҷум карданд. Махсусан, аскарони рус ба қисмҳои исёнгар зарбаи қатъӣ зада ба онҳо, ки аксарият ҷангнадидаю бетаҷриба буданд, талафоти зиёди ҷонӣ расониданд. 27 октябр Қаршӣ аз тарафи аскарони рус забт карда шуд. Пас аз он сарбозони амир ҳам вориди шаҳр гардида, онро тороҷ намуданд. Як қисми бузурги сарбозони амиру аскарони рус ба сӯи Шаҳрисабзу Китоб ҳаракат карда, он мулкҳоро низ тобеи амир Музаффархон гардониданд. Абдумаликтӯра бошад баъд аз ҳама нобарориҳо аввал ба Қӯқанд, баъд ба Қошғар гурехт.

**Эъзомияи Искандаркӯл**

Баробари ба ихтиёри Русия гузаштани Самарқанд болооби Зарафшон – кӯҳистони Фалғар, Мастчоҳ, Фон, Киштут ва Моғиён,

ки мулкҳои ниммустақил буданд, худ аз худ ба Русия тобеъ шуданд. Ҳукумати подшоҳӣ аз ҳисоби Самарқанд, Каттақӯрғон ва дигар мулкҳои зарафшонии аз аморати Бухоро забт намудааш музофоти Зарафшонро бунёд намуда, генерал А.К. Абрамовро сардори он таъин намуд. Яке аз мақсадҳои асосии Абрамов ин тобеи худ гардонидани мулкҳои номбурдаи Кӯҳистони Зарафшон буд. Мардуми он мулкҳо агарчанде ҳама тоҷиканд, вале ҳокимони онҳо байни худ ҷангида қувваи мудофиавии Кӯҳистонро хеле заиф гардониданд. Чунин вазъият муваффақияти қӯшунҳои русро осон мегардонид. Вале Абрамов намехост, ки кӯшиши ӯ барои таслими болооби Зарафшон чун лашкаркашии (походи) ҳарбӣ ном бурда шавад. Бо ҳамин мақсад вай зарур шуморид, ки амалиёти ҳарбиро бо экспедитсияи илмӣ рӯпӯш намояд. Зеро он вақт марказҳои илмию ҷуғрофии Русия оид ба омӯзиши табиату набототи Осиёи Марказӣ рағбати зиёд пайдо карда буданд. Дар натиҷа баҳори соли 1870 бо сарварии генерал Абрамов экспедитсияи Искандаркӯл ташкил карда шуд.

Ба ҳайати экспедитсияи номбурда 200 нафар казакҳои мусаллаҳ, ротаи пиёдагард ва взводи пулемётчиҳои кӯҳгард дохил мешуданд. Аз Ӯротеппа дастаи дигари ҳарбиёни мусаллаҳ таҳти фармондеҳии Деннет дар роҳ ба дастаи Абрамов пайвастанд. Сафари экспедитсия 25 апрели соли 1870 аз Самарқанд оғоз ёфт. Моҳи август шаҳри Панҷакент бе муҳорибаи ҷиддӣ ба ихтиёри қӯшунҳои рус гузашт. Вале дар деҳаҳои Артуч, Панҷрӯд, Дашти Қозӣ, Фалғар, Мастчоҳ ва ғайра ҷангҳои шадид ба амал омадааст. Дар ин амалиёт бисёр деҳаҳо бо ҳукми Абрамов ба хок яксон шуданд. Моҳи июни соли 1870 экспедитсия амалиёти ҳарбии худро ба охир расонид. Аз ҳисоби мулкҳои ниммустақили кӯҳистонии болооби Зарафшон «Тумани Кӯҳистон» ташкил ёфт ва он ба музофоти Зарафшон ҳамроҳ карда шуд.

Дар экспедитсияи Искандаркӯл як қатор олимон: табиатшинос А.Ф. Федченко, геолог Д.К. Мищенко, нақшбардор (баъдтар арбоби намоёни ҳарбию сиёсӣ), Л.Н. Соболев ва дигарон ширкат доштанд. Бо ташаббуси ин донишмандон ба-

рои тадқиқи захираҳои табиии болооби Зарафшон қадамҳои аввалин ва муҳими илмӣ гузошта шуд.

**Шартномаи 28 сентябри соли 1873**

То моҳи сентябри соли 1873 дар байни Русияю Бухоро, ба ғайр аз шартномаи тиҷоратии 11 майи соли 1868 дигар ягон ҳуҷҷати ҳуқуқӣ (юридикӣ), ки муносибати ин ду давлатро муайян намоянд, вуҷуд надошт. Бинобар ин, дар доираи ҳукумати Русияи подшоҳӣ боз масъалаи муайян намудани муносибат бо Бухоро ба миён омад.

28 сентябри соли 1873 дар Шаҳрисабз байни Русия ва Бухоро шартномаи нав имзо гардид, ки он бо номи шартномаи «дӯстӣ» маълум буда, аз 18 банд иборат аст. Ин шартнома аз тарафи подшоҳ тасдиқ гардид ва он дар қатори шартномаи тиҷоратӣ, ки дар боло ишора рафт, ҳамчун ҳуҷҷати асосии ҳуқуқии байни Бухоро ва Русия то Инқилоби Октябрии соли 1917 амал кард.

Шартномаи «дӯстӣ»-и соли 1873 сарҳади ҳамонвақтаи байни Русияю Бухороро тасдиқ намуда, сарҳади байни Бухорою Хеваро низ муайян мекард. Дар асоси он ҳар ду тараф, яъне тарафҳои Русияю Бухоро вазифадор мешуданд, ки: дар Осиёи Марказӣ инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва озодона шино кардани киштиҳоро дар дарёи Аму таъмин кунанд: тоҷирони рус на танҳо барои дар тамоми шаҳру ноҳияҳои аморати Бухоро озодона амал намудан ҳуқуқ пайдо карданд, балки онҳо дар ҳимояи махсуси ҳукумати амирӣ низ буданд; аз молҳои тарафайн бояд аз 2,5 фоиз зиёд андоз – закот гирифта намешуд; молҳои русӣ ба воситаи сарзамини Бухоро ба дигар давлатҳо бебоҷ гузаронида мешуд; тоҷирони ҳар ду тараф метавонистанд дар доираи Осиёи Марказӣ корвонсарои худро дошта бошанд. Ғайр аз ин, тоҷирони рус дар соҳилҳои дарёи Аму истгоҳ (бандар) ва анборҳо сохта метавонистанд; ба раиятҳои тарафайн, аз рӯи қонунҳои мавҷуда, ҳуқуқи дар ҷои дилхоҳ бо ягон касбу ҳунар машғул шудан дода мешуд. Инчунин онҳо метавонистанд мулки ғайриманқула, яъне хона, боғ, замини корам дошта бошанд: тарафайн намояндагии худро (яъне ҳукумати амирӣ дар Тошкент ва ҳукумати Русия дар Бухоро) дошта метавонистанд; тарафи ҳукумати амирӣ вази-

фадор карда мешуд, ки дар сарзамини аморат хариду фурӯши одам, яъне ғуломдориро манъ намояд.

Ҳамин тавр, дар шартномаҳои тиҷоратии соли 1868 ва «дӯстии» соли 1873 ба ғайр аз баъзе бартариҳо барои тоҷирони рус дар сарзамини Бухоро, дигар ишорае нест, ки дар асоси он аморати Бухоро мутеи Русияи подшоҳӣ гардад. Дар байни Русия ва Бухоро дигар шартномаи тасдиқгардидае, ки тобеияти ҳукумати амириро аз ҳукумати подшоҳӣ ба расмият дарорад, вуҷуд надошт. Пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки аморати Бухоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ давлати мустақил будааст. Вале амирони Бухоро, ки дар назди иқтидори ҳарбии Русия нотавон буданашонро ба хубӣ эҳсос мекарданд, бинобар ин худро «ихтиёран» ба оғӯши тобеият андохта, нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ сиёсати содиқона гузаронида, аморатро ба мустамликаи ҳақиқии Русия табдил додаанд.

**Сарчашма:**

Порчаҳо аз шартномаи 28 сентябри соли 1873, ки дар байни Русия ва Бухоро имзо гардидааст:

**Моддаи 1**

Хати сарҳадии байни мулкҳои тобеи ҷаноби Аълоҳазрат императори тамоми Русия ва ҷаноби ҳокими олӣ Амири Бухоро бе тағйир мемонад.

Дар баробари ба тобеияти Русия гузаштани тамоми заминҳои Хева, ки дар соҳили рости Амударё воқеанд, сарҳади пештараи ҳокимии Бухоро бо хонигарии Хева, ки аз Холота ба воситаи тӯқай ба Гугертли, соҳили рости Аму меравад, барҳам дода мешавад. Ба тобеияти амири Бухоро заминҳое, ки сарҳади пештараи байни Бухорою Хеваро дар бар мегиранд, бо соҳили рости Амударё аз Гугертли то тӯқаи Мешеклӣ пурра ва хати аз Мешеклӣ то нуқтаи пайвастшавандаи сарҳади пештараи Бухорою Хева бо хати сарҳадии империяи Русия, дохил мешаванд....

**Моддаи 5**

Тамоми шаҳру қишлоқҳои хонии Бухоро барои савдои тоҷирони рус кушодаанд. Туҷҷорон ва корвонҳои рус дар тамоми сарзамини хонигарӣ бемалол рафтуой карда метавонанд ва аз пушту паноҳи ҳокимияти маҳаллӣ имтиёзманд мегарданд. Барои

бехатарии корвонҳои рус дар дохили мулкҳои Бухоро ҳукумати Бухоро ҷавобгар аст.

**Моддаи 6**

Беистисно аз тамоми молҳое, ки ба тоҷирони рус тааллуқ доранд ва аз ҳудуди Русия ба Бухоро фиристода шуда ё аз Бухоро ба Русия оварда мешаванд, дар Бухоро, ба монанди он, ки дар кишвари Туркистон аз чил як ҳиссаашро меситонанд, дувуним фоизи арзиши мол ситонида мешавад. Ғайр аз ин дигар ҳеҷ гуна закоти иловагӣ гирифта намешавад.

**Моддаи 7**

Ба туҷҷорони рус ҳуқуқ дода мешавад, ки молҳои худро ба воситаи мулкҳои Бухоро безакот ба тамоми заминҳои ҳамсоя баранд.

**Моддаи 15**.

Барои он ки бо ҳокимияти олӣ дар Осиёи Миёна муносибати доимӣ ва бевосита барпо карда шавад, амири Бухоро аз ҷумлаи одамони наздики худ шахси бо эътимодро сафир ва намояндаи доимии худ дар Тошкент таъин мекунад. Ин намоянда дар Тошкент дар хонаи амир ва аз ҳисоби амир зиндагӣ мекунад.

**Моддаи 16**

Ҳукумати подшоҳӣ низ метавонад намояндаи доимии худро дар Бухоро дар ҳузури Аълоҳазрат нигоҳ дорад. Намояндаи ҳокимияти рус дар Бухоро монанди намояндаи амир дар Тошкент дар сафоратхона ва аз ҳисоби ҳукумати рус зиндагӣ мекунад....

**Моддаи 18**

Олимақом Саид Музаффар, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягиро, ки ба манфиати Бухоро ҳанӯз панҷ сол инҷониб вуҷуд дорад, аз самими қалб инкишоф медиҳад ва мустаҳкам менамояд ва 17 моддаи дар боло зикршударо, ки шартномаи нави дӯстии Русияю Бухоро мебошад, ба роҳбарӣ мегирад». (*Ниг.*: Хрестоматияи таърихи РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1962 – С. 143-146).

Тасвири ба шаҳри Самарқанд дохил шудани қӯшунҳои Русияро Мирзо Азими Сомӣ чунин шарҳ медиҳад, ки онро С.Айнӣ дар китоби худ овардааст: 2 майи соли 1868, пагоҳии рӯзи панҷшанбе, Мирзо Камолиддини Муфтӣ «бо шаш нафар

оқсақолони Самарқанд гов ва тухми мурғ гирифта барои изҳори инқиёд ба истиқболи генерал-губернатор Кауфман, ки сараскари рус буд, ба Чӯпонато омада ӯро дида дам аз итоат заданд. Губернатор низ ба онҳо рифқу мадоро карда вилояти Самарқандро тархон кард (яъне бахшид). Баъд аз ин губернатор оқсақолонро ҳамроҳ гирифта аз дарвозаи Шоҳи Зинда дохили шаҳр шуда ба Кӯктош (арки Самарқанд) қарор гирифт». Дар рӯзи дигар губернатор муфтӣ Камолиддинро ба мансаби қозикалони Самарқанд бардошт.

(*Ниг.*: Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷилди 10 – с.61).

**Санаҳои муҳим:**

1868 – 1-май – муҳорибаи Чӯпонато

1868 – 2 май – забти Самарқанд

1868-11-май – имзои шартномаи тиҷоратӣ дар байни Бухоро ва Русия

1868 -1-8 июн – шӯриш дар Самарқанд

1868 – 2 июн – муҳорибаи Зирабулоқ

1868 – 23 июн – имзои шартнома дар байни Русия ва Бухоро (подшоҳи Русия ин шартномаро тасдиқ накард).

1868-1870 – исёни Абдуманиктӯра

1870 – эъзомияи Искандаркӯл

1873 – 28 сентябр – имзои шартнома дар байни Русия ва Бухоро

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи муҳорибаи Чӯпонато чӣ медонед? 2) Шаҳри Самарқанд чӣ тавр ба дастаи қӯшунҳои Русия гузашт? 3) Муҳорибаи Зирабулоқ кай, дар байни кадом қувваҳо ба амал омад ва бо кадом натиҷа анҷом ёфт? 4) Шартномаи 23 июни соли 1868 дар байни Бухоро ва Русия чӣ гуна буд ва он чаро аз тарафи подшоҳи Русия тасдиқ нагардид? 5) Шӯриши Абдумаликтӯра бо кадом мақсад оғоз гардид ва бо кадом натиҷа анҷом ёфт? 6) Дар бораи эъзомияи Искандаркӯл муфассалтар нақл кунед. 7) Мазмуни шартномаи 28 сентябри соли 1873 байни Русия ва Бухороро пурратар шарҳ диҳед. 8) Амалиётҳои ҷангии байни қӯшунҳои Бухоро ва Русияро аз рӯи харита муайян кунед. 9) §§4-5 ва 6-ро такрор намоед.

# БОБИ 3
# БА АМОРАТИ БУХОРО ҲАМРОҲ КАРДАНИ БУХОРОИ ШАРҚӢ

## §9. ҲУҶУМИ АВВАЛИ ҚӮШУНҲОИ АМИРИ БУХОРО

**Чаро Бухорои Шарқӣ мегӯянд?**

Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX қаламрави имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, яъне водиҳои Ҳисору Вахш, мулкҳои Кӯлобу Балҷувон ва Қаротегину Дарвоз ба ҳайати аморати Бухоро дохил мешуданд. Бо сабаби дар қисми шимолу шарқии Бухоро ҷойгир будани мулкҳои номбурда, онҳоро дар қатори мулкҳои Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ғузор, Китоб, Шеробод, Бойсун ва Деҳнав, дар адабиёти илмӣ ба таври умумӣ Бухорои Шарқӣ меноманд. Баъзеҳо Бухорои Шарқӣ гуфта танҳо водии Ҳисору Вахш, мулкҳои Кӯлобу Балҷувон ва Қаротегину Дарвозро дар назар доранд. Ин мулкҳо дар ҳайати давлатдории Бухоро на танҳо то сарнагун шудани тартиботи амирӣ, балки дар ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ҳам монданд. Онҳо танҳо дар натиҷаи тақсимоти ҳудуди миллии соли 1924 аз ҳайати давлатдории Бухоро баромада, ба қисми таркибии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дохил шуданд.

**Вазъи Бухорои Шарқӣ**

Чунонки дар боло ишора шуд, дар сарзамини аморати Бухоро мулкҳое ба монанди: Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб ва ғайра буданд, ки ҳокимони онҳо худро мустақил ҳисобида, ба ҳукумати амирӣ сар намефаровmembarданд. Мулки Қурғонтеппа бошад макони

кашмакаши гардида, гоҳ тобеи хони Қундуз, гоҳ Кӯлобу Балҷувон ва гоҳ тобеи Ҳисор мешуд. Амирони манғитияи Бухоро низ барои тобеи худ гардонидани ин сарзамин ба муқобили Шаҳрисабзу Китоб борҳо ҳуҷум карда, хуни зиёде рехтанд. Ин ҷангҳои дуру дароз ҳуҷуми қӯшунҳои амири Бухоро – Насруллоро ба сӯи водиҳои Ҳисору Вахш ва дигар мулкҳои канортари Бухорои Шарқӣ ба таъхир гузошт. Хони Қӯқанд Муҳаммадалӣ (Мадалӣ) аз ин истифода бурда, ба муқобили мулкҳои Дарвозу Қаротегин ва Кӯлоб лашкар кашида, муддате Қаротегину Файзободро ба зери итоати худ даровардааст. Дар ҳамин давр ҳатто Обигарм ҳам худро мулки мустақил меҳисобид ва ҳокими он баъзан бо ҳокими Ҳисор меҷангид. Ин ҳама вокеаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Бухорои Шарқӣ оромӣ вуҷуд надоштааст.

Мардум дар Бухорои Шарқӣ бештар бо кишоварзию чорводорӣ, дар нуқтаҳои калонтарини аҳолинишин, ба монанди Кӯлоб, Ҳисор, Қаратоғ, Регар, Деҳнав ва ғайра қисме аз аҳолӣ бо косибию ҳунармандӣ низ машғул буданд. Бо ин мулкҳо тоҷирони бухороӣ, қӯқандӣ ва афғонистонӣ алоқа доштанд. Онҳо молҳои овардаашонро ба молҳои маҳаллӣ: пӯст, писта, сангҳои қимматбаҳо, маснуоти ҳунармандию косибӣ ва ғайра иваз менамуданд. Муомилоти пулӣ бошад танҳо дар баъзе нуқтаҳои калонтарини аҳолинишин ҷой дошт.

**Сабабҳои ҳуҷум**

Амир Музаффархонро бемуваффақиятии амалиётҳои ҷангии соли 1866 ба муқобили қӯшунҳои рус ором нагузошт. Ӯ мехост, ки ҷои мулкҳои аз даст додааш (яъне Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов, Ҷиззах ва ғайра)-ро аз ҳисоби мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кунад. Аз ин сабаб вай охири ҳамон сол ба сӯи водии Ҳисор лашкар кашид. Албатта муваффақияти ин ҳуҷум аз бисёр ҷиҳат ба мавқеи ҳокимони Китобу Шаҳрисабз вобастагӣ дошт. Зеро, ҳамон лаҳза ҳокимони Шаҳрисабз – Ҳакимбек (падари Бобобек) ва Китоб – Ҷӯрабек низ майли ба амири Бухоро итоат карданро надоштанд. Вале онҳо дар пеши ҳуҷуми қӯшунҳои рус хусумати худро нисбат ба амир як сӯ гузошта, бо мақсади зарба задан ба душмани асосӣ – қӯшунҳои ҳукумати подшоҳии рус, муваққатӣ бошад ҳам, бо амир якҷоя амал карданро зарур ҳисобиданд.

Бо ҳамин мақсад ҳокимони номбурда ба амир Музаффархон изҳори итоат намуданд. Аммо амир ба садоқати онҳо боварӣ надошт ва бо ҳар роҳ маъзул намуданашонро меандешид. Лекин амир барои чунин нияти худ ҳанӯз ҷуръат намекард. Ба ҳар ҳол аз садоқати рӯякии онҳо истифода бурданӣ шуд.

**Оғози ҳуҷум ва оқибатҳои он**

Амир Музаффархон охири соли 1866 ва аввали соли 1867 сарзамини Қаршӣ ва Шаҳрисабзро ба такягоҳи қӯшунҳои худ табдил дода, ба сӯи водии Ҳисор ҳуҷум кард. Вай ба душвории роҳҳои кӯҳӣ нигоҳ накарда, ҳатто тӯпҳоро низ ҳамроҳи худ гирифт. Баробари огоҳӣ аз ин ҳаракати амир, дар маҳалҳои Бойсун ва Деҳнав, бо ташаббуси ҳокими Ҳисор Абдулкарим – додхоҳ дастаҳои ихтиёрии ин мулкҳо ҷамъ омадаанд. Дар байни онҳо ҳиссаи асосиро ҳисориҳо ташкил медоданд ва бо ҳамин сабаб ҳамаи он қувваҳои умумии зиддиамирӣ чун «ҳисориҳо» ном бурда мешаванд. Бо даъвати Абдулкарим-додхоҳ ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарахон (Сарабек) ҳам, ки баромадаш аз қабилаи қатағони Кӯлоб буд, ҳамчун иттифоқчӣ, бо қӯшунҳои худ ба майдони муҳориба ҳозир шуд.

Қӯшунҳои амир, махсусан, дар мавзеи Амоқсой ҳарбу зарби сахт ташкил намуда, аз болои қувваи ҳисориҳо ғалаба ба даст даровfarданд ва баъди он қалъаи Деҳнавро ба муҳосира гирифтанд.

Муҳосираи қалъаи Деҳнав, ки асосан аз тарафи ҳисориҳо мудофиа карда мешуд, шаш рӯз давом кард. Баъди забти он аскарони амир тамоми муҳофизони қалъаро қатл ва худи онро ба хок яксон намуданд.

Сарбозони амир, баъди мағлубияти қувваҳои муттаҳидаи зиддиамирӣ дар Деҳнав, ба самти Шарқ, ба дохили водии Ҳисор ҳаракат карданд. Онҳо қалъҳои Регар, Қаратоғ, Файзобод ва ғайраро низ ба хок яксон намуданд. Абдулкарим-додхоҳ бошад ба назди иттифоқчии худ ҳокими Кӯлобу Балҷувон – Сарахон гурехт. Вале Сарахон барои ҳифзи мансаб ва ҷони худ Абдулкаримро ҳабс намуда, ба ихтиёри амир супорид ва тамоми гунохро ба гардани ӯ бор карда, ҷони худро нигоҳ дошт. Дар натиҷа Абдулкарим-додхоҳ, бо ҳукми амир, бо ҳамроҳии 20 нафар ҳаммаслаконаш дар Дарбанд қатл карда шуд.

Амир Музаффархон баъди ин ғалабаҳо дар Бойсун, Деҳнав, Ҳисор ва Файзобод аз ҷумлаи содиқони худ ҳокимони навро таъин карда, аввали соли 1867 ба Бухоро баргашт. Зеро, аз сабаби таслим шудани Сарахон, ба сӯи Кӯлоб ҳаракат карданро зарур нашуморид. Чунин ҳолат амирро то андозае хотирҷамъ ҳам карда буд. Ӯ боварӣ дошт, ки ҳокимони боқимондаи Бухорои Шарқӣ дигар саркашӣ накарда, дар итоати вай боқӣ хоҳанд монд.

**Сарчашма:**

С. Айнӣ ваҳшонияти амир Музаффархонро ҳангоми ҳуҷуми якум ба водии Ҳисор чунин тасвир намудааст: «Амир Музаффар дар мамлакати Бухоро хунрезиро аз ҳад гузаронд... Вақте ки дар муҳорибаи Деҳнав ҳазор нафар асир афтод, дар пеши ҳаймаи худ ҳамаро сар аз тан ҷудо кунонид. Мисли махмуре, ки барои нӯшидани шароб таҳолук меварзад, ба чашми худ рехтани хуни усароро тамошо карда, ҷаллодро ба суръат амр мефармуд.

Дар вақти куштани усаро чун рӯз бегоҳ шуда ғуруби офтобро як соат пеш фурсат намонда буд, ва ҳол он ки усаро ҳанӯз чорсад нафар зинда буданд, амир ба Ҳайит ном ҷаллод амр фармуд, ки «то ғуруби офтоб бояд кори ҳамаро тамом намоӣ, вагарна худат дар маърази қатл хоҳӣ омад». Ҳайит ҷаллод баъд аз амри қатъӣ дар фурсати як соат ҳамаро тан аз сар ҷудо кард».

(*Ниг.*: Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт, ҷилди 10. – с.42-43).

**Санаҳои муҳим:**

— То охири солҳои 70-уми асри XIX – мавҷудияти ниммустақилии мулкҳои Бухорои Шарқӣ.

— Охири соли 1866 ва аввали соли 1867 – ҳуҷуми аввали амири Бухоро ба водии Ҳисор.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро Бухорои Шарқӣ мегӯянд ва ба он кадом мулкҳо дохил мешуданд? 2) Вазъи мулкҳои Бухорои Шарқӣ дар замони то ба аморати Бухоро ҳамроҳ шудан чӣ гуна буд? 3) Сабабҳои ба Бухорои Шарқӣ ҳуҷум кардани амири Бухоро – Музаффархонро дар чӣ мебинед? 4) Ҳуҷуми аввали амир Музаффархон ба водии Ҳисор кай оғоз гардид ва бо чӣ анҷом ёфт? 5) Оқибатҳои ҳуҷуми

аввали амир Музаффархон ба водии Ҳисор ва ваҳшонияти ӯро муфассалтар шарҳ диҳед. 6) §§1, 7-8-ро такрор намоед.

## §10. ТОБЕИ АМОРАТИ БУХОРО ШУДАНИ БУХОРОИ ШАРҚӢ

**Таслим шудани Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон ва водии Вахш**

Солҳои 1868-1870 барои амир Музаффархон давраи хеле душвор буд. Зеро соли 1868 – соли шикастхӯрӣ аз қӯшунҳои Русия дар муҳорибаи Чӯпонато ва Зирабулоқ, аз даст рафтани Самарқанд, имзои шартномаи барояш вазнин бо Русия, ниҳоят исёни писараш – Абдумаликтӯра ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Ҳангоми шӯриши Абдумаликтӯра як қатор ҳокимон аз итоати амир саркашӣ намуданд. Масалан, ҳокими Кӯлобу Балҷувон – Сарахон, аз ӯ рӯ гардонда, майл ба исён карда буд. Ҳокими нави Ҳисор ҳам ҳамин гуна мавқеъро ишғол мекард.

Амир Музаффархон соли 1870, баъди он ки қӯшунҳои Русия шӯриши Абдумаликтӯраро пахш намуд, Китобу Шаҳрисабзро тобеъ намуда, ба сӯи водии Ҳисор лашкар кашид. Ҳамроҳи вай кушбегӣ Яъқуббек ҳам буд. Дар ин сафари ҳарбӣ сарбозони амир саравал дастаҳои ҳарбии беки Шеробод Остонақулбий ва ҳокими нави Деҳнав Улуғбекро шикаст дода, ба Ҳисор наздик шуданд. Дар ин сарзамин 15 рӯз ҷанг давом кард. Ғалаба насиби қӯшунҳои амир гардид ва онҳо ашхоси бисёреро сар буриданд. Шумораи танҳо ҳисориҳои қатлшуда ба 5 ҳазор нафар расида, водӣ ба харобазор табдил ёфт. Баъд аз ғалаба бо ҳукми амир Музаффархон тақрибан ду ҳазор зан ва тифли бегунохе, ки ба даст афтода буданд, бераҳмона дар ҳавзе андохта, онро аз об пур карданд. Бо ҳамин тарз амир Музаффархон водии Ҳисорро пурра тобеи худ гардонид.

Бедодгариҳои амир Музаффархон дар водии Ҳисор тарсу ваҳми ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарахонро зиёд намуд. Водии Вахш – мулкҳои Қурғонтеппаю Қубодиён низ зери итоати ӯ буд. Амир соли 1870 ба муқобили Сарахон, ба сӯи Кӯлоб дастаҳои махсусро бо сарварии қушбегӣ Яъқуббек равон кард.

Сарахон боварӣ дошт, ки барои муқобилият қувваащ нокифоя буда, ҳангоми мағлубият саломат нахоҳад монд. Бинобар ин ӯ аз мубориза даст кашида, ба Афғонистон фирор намуд. Дар натиҷа Яъқуббек бе ягон муҳориба мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қурғонтеппа ва Қубодиёнро ба зери тасарруфи ҳукумати амирӣ даровард.

### Забти Қаротегин ва Дарвоз

Амалиёти минбаъдаи қӯшунҳои амирӣ барои забти Қаротегину Дарвоз нигаронида шуда буд. Ин мулкҳо ниммустақил буда, баъзан боиси кашмакашии байни аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд мегардиданд. Аз соли 1870 то соли 1876 ҳокими Қаротегин Раҳимхон, писари бародари калонии амир Музаффархон – Муқимхон буд. Ӯ мустақилии Қаротегинро мехост. Амир соли 1876 Раҳимхонро ба Бухоро даъват карда, каме дертар ба ҷои ӯ амакбачаи худи Раҳимхон – Саидхонро фиристод. Саидхон нисбат ба амир содиқ ва тарафдори тобеияти Қаротегин ба Бухоро буд. Вале мардуми Қаротегин омадани Саидхонро хуш напазируфтанд ва аз амир баргардонидани Раҳимхонро талаб карданд.

Саркашии мардуми Қаротегин боиси воҳима ва ташвиши амир Музаффархон гардид. Губернатори ҳарбии вилояти Фарғона генерал Скобелев чунин вазъияти ӯро пай бурда, ба сӯи Қаротегин ва Бадахшон фиристодани экспедицияи махсусро тезонид. Ин экспедиция охирҳои моҳи июл ва аввали августи соли 1876 ба роҳ баромад. Мақсади ин чорабинӣ дар маҳалҳои роҳи Помир, махсусан ба мардуми Қаротегин нишон додани иқтидори ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳайати экспедиция бо мақсади рӯпӯш намудани ниятҳои дар боло зикршуда, дар қатори ҳарбиён ба он олимони ҷуғрофияшинос, табиатшинос ва нуҷум: Л.Ф. Костенко, В.Ф. Ошанин, А.Р. Бонедорф ва дигарон низ дохил буданд.

Амир Музаффархон аз чунин амалиёти саркардагони ҳарбии рус рӯҳбаланд гардида, нисбат ба масъалаи Қаротегин боз ҳам қатъитар амал кард. Ӯ соли 1877 Саидхонро аз Қаротегин ба Бухоро даъват карда, худи ҳамон сол Раҳимхонро ба қатл расонид ва ба Қаротегин чун ҳоким Худойназар оталиқро

фиристод. Дар натиҷаи ин амалиёт Қаротегин бе ҷанг пурра ба қатори мулкҳои Бухоро дохил карда шуд.

Баъди ҳалли тақдири Қаротегин масъалаи Дарвоз ба миён омад. Иҷроиши он ба ӯҳдаи ҳоким-беки Қаротегин Худойназар гузошта шуда буд. Ӯ соли 1877 ба сӯи Дарвоз бори аввал лашкар (иборат аз 150 нафар) кашид, вале шикаст хӯрд. Худойназари маккор бо фиреб шоҳи Дарвоз Сироҷиддинро, гӯё барои мулоқот бо амир Музаффархон, ба Шаҳрисабз фиристода, дар он ҷо ба асорат гирифтор намуд. Чунин маккории Худойназар ғазаби мардуми Дарвозро боз ҳам зиёдтар намуд ва онҳо ин дафъа ҳам ба ӯ муқобилияти сахт нишон дода, қӯшунҳои якунимҳазорнафараашро торумор карданд. Яъне, мардуми диловару озодихоҳи Дарвоз ду ҳуҷуми Худойназарро мардонавор зада гардониданд.

Амир Музаффархон аз бемуваффақиятии ҷангҳо дар Дарвоз, хавфи оғози шӯришро дар дигар мулкҳои тобеияташ пай бурда, зуд қувваи зиёдеро ба муқобили он фиристод. Ба ин қувваҳо боз Худойназар сарварӣ мекард. Ин ҳуҷуми сеюмӣ ӯ буд. Онҳо баҳори соли 1878 қалъаи хеле мустаҳками Кафтархона ва баъд Қалъаи Хумбро забт намуданд. Бо ҳамин мулки Дарвоз ҳам ба қисми таркибии аморати Бухоро табдил ёфт.

Ҳамин тавр, дар муддати солҳои 1866-1878 мулкҳои ниммустақили Бухорои Шарқи (ба ғайр аз мулкҳои кӯҳии Бадахшон) тобеи ҳукумати амирии Бухоро гардид.

### Идора намудани мулкҳои тобеъшуда

Барои осон гардонидани идоракунии мулкҳои Бухорои Шарқӣ он ба бекигариҳои зерин: Балҷувон, Бойсун, Дарвоз, Деҳнав, Кӯлоб, Шеробод, Юрчӣ, Ҳисор, Қаротегин, Қубодиён ва Қурғонтеппа тақсим карда шуд. Ҳар кадоми ин бекигариҳо аз ҷумлаи шахсони ба амир наздик ва содиқ ҳокими худро дошт. Аз ҷумла дар Балҷувон Саидниёзи киикчӣ, дар Кӯлоб Наҷмиддинхоҷа, дар Қаротегин Худойназар ва ғайра бек-ҳоким таъин шуда буданд. Вале бо сабаби аз маркази аморат – шаҳри Бухоро хеле дур будан ва мушкилии идоракунии ин диёр, амир ба яке аз ҳокимони бонуфузи он ҳуқуқи васеъи назорат ва идоракунии умумиро дода буд.